Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

19 майи соли 2021. Чоршанбе № 39 (14740)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН РЎЗНОМАИ НАВИ ШАРИКИИ ДОМАНФАРОХРО БО БОНКИ ҶАҲОНӢ ПЕШНИҲОД КАРД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 18 май ҳайати Бонки ҷаҳониро зери сарпарастии ноиб-президент Анна Берде, ки дар мамлакатамон бо ташрифи корӣ ҳузур дорад, қабул кард.

Масъалаҳои муҳими минбаъд васеъ намудани муносибати шарикии стратегии байни Ӯзбекистон ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ, баланд бардоштани дараҷаи ҳамкории амалӣ бо мақсади таъмини рушди босубот дар мамлакатамон ва умуман дар минтақа муҳокима гардиданд.

Дар аввали мулоқот роҳбари давлатамон Анна Бердеро ба муносибати ба вазифаи ноиб-президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ таъин гардидан таблрик намуд ва ба ӯ муваффақияти калон орзу кард.

Бо қаноатмандии том дараҷаи имрӯзаи баланди ҳамкории дуҷониба зикр гардид, ки он дар солҳои охир бо кӯшиши муштарак ба дараҷаи сифатан нав бароварда шудааст.

Таъкид шуд, ки бо дастгирии ҳамаҷонибаи Бонк дар мамлакатамон татбиқи барномаи бозсозиҳои бозорӣ ва ислоҳоти иҷтимоӣ идома дорад.

«Харитаи роҳ» бо маҷмӯи чорабиниҳои дақиқ доир ба пешбурди лоиҳаҳо бо иштироки ниҳодҳои Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ба амал татбиқ мегардад ва низоми «Платформаи мамлакатҳо» ҷорӣ гаштааст.

Маҷмӯи умумии лоиҳаҳо ба 7 миллиард доллар мерасад. Барномаи ҷорӣ 23 лоиҳаи татбиқгардандаро ба миқдори 4,1 миллиард доллар бо фарогирии чунин самтҳои бартаринок мисли таълим, тандурустӣ, энергетика, таъминоти об, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва бисёр самтҳои дигар дар бар мегирад.

Бонки ҷаҳонӣ яке аз аввалинҳо бо мақсади бартарафсозии оқибатҳои пандемия мадад расонд. Танҳо соли гузашта лоиҳаҳои нав ба миқдори 1,6 миллиард доллар тасдиқ гардиданд.

Ғайр аз ин, коршиносони Бонк кӯмаки машвараративу техникӣ расонда, дар татбиқи трансформатсияи корхонаҳои давлатӣ, такомули сектори нақлиёт ва хоҷагии қишлоқ, ислоҳоти тамоми зинаҳои электроэнергетика иштирок менамоянд. Дар соҳаи татбиқи манбаъҳои энергияи барқароршаванда пешрафти назаррас ба даст омадааст.

Дар давоми ташрифи мазкур созишнома доир ба татбиқи лоиҳаҳои беҳсозии низоми таъминоти об ва дастгирии сиёсати миллии инноватсионӣ ба миқдори тақрибан 300 миллион доллар ба имзо расид.

Дар мулоқот дар бобати омодагии ҷиддӣ ва қабули Барномаи панҷсолаи нави шарикии Ӯзбекистон бо Бонки ҷаҳонӣ аҳду паймон ба амал омад.

Тавре ки ноиб-президент Анна Берде таъкид намуд, Бонк нияти дорад, ки дастгирии ногузирро дар бобати ба амал овардани ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар мамлакат расонад ва онро баланд арзёбӣ мекунад.

«Ӯзбекистон дар муддати таърихан кӯтоҳ корҳои зиёдро анҷом дод. Ислоҳот мамлакатро куллан чӣ аз дохил ва чӣ аз берун тағйир дод. Ба шарофати ин имрӯз мамлакататон барои сармоягузорони хориҷӣ ҷолиб мебошад», таъкид кард роҳбари институти бонуфузи молиявии байналхалқӣ.

Пешниҳодоти Президенти Ӯзбекистон дар бобати рӯзномаи нав барои минбаъд васеъ намудани ҳамкории бисёрҷанба бо Бонки ҷаҳонӣ комилан дастгирӣ гардид.

Аз он ҷумла ба он самтҳои зерини дақиқи шарикӣ дохил шуданд:

– дастгирии ислоҳоте, ки барои кам кардани қашшоқӣ дар мамлакат нигаронда шудааст – пеш аз ҳама аз ҳисоби соҳибкорӣ дар деҳот, пеш бурдани ташаббусҳои корӣ занон ва ҷавонон;

– баланд бардоштани самарабахшии бозсозӣ дар соҳаи таълими олӣ ва тандурустӣ бо мақсади дарёфти натиҷаҳои назаррас ва куллан беҳсозии сифати хидматрасонӣ;

– татбиқи барномаи индустриализатсияи босуръати минтақаҳои ҷумҳурӣ ва идома додани лоиҳа оид ба рушди шаҳрҳои миёна;

– гузариш ба модели рушди инноватсионӣ, татбиқи «иқтисодиёти сабз»;

– идома додани ислоҳот дар соҳаи муносиботи заминдорӣ;

– мубориза бар зидди коррупсия ва баланд бардоштани потенсиали институтҳои давлатии рушд;

– пешбурди якҷояи лоиҳаҳои бузурги инфрасохтори минтақавӣ.

Дар поёни мулоқот дар бораи идома додани алоқаҳои доимӣ ва табодули самарабахш барои нигоҳ доштани динамикаи баланди ҳамкорӣ, тезондани омодагӣ ва татбиқи барнома ва лоиҳаҳои бартаринoки шарикии стратегии байни Ӯзбекистон ва Бонки ҷаҳонӣ созиш ба вуҷуд омад.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

САМТҲОИ МУҲИМИ БОЗСОЗИИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ МУАЙЯН КАРДА ШУДАНД

Зери раёсати Президент Шавкат Мирзиёев 18 май ҷамъомади видеоселекторӣ дар бобати чорабиниҳои баланд бардоштани самарабахшии ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ ба вуқӯъ пайваст.

Осудагӣ ва саломатӣ – арзишҳои асосии ҳаёти инсон. Ба амал татбиқ намудани онҳо чун самти муҳими сиёсати иҷтимоии давлатамон муайян гаштааст.

Аз он ҷумла, соҳаи тиббиёт зина ба зина дар асоси Консепсияи рушди низоми тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон такмил меёбад. Дар як соли охир беш аз 20 фармон ва қарор, ки барои баланд бардоштани сифати хидмати тиббӣ нигаронда шудааанд, қабул гаштаанд. Имсол аз буҷет 21 триллион сӯм ҷудо гаштааст, ки он нисбат ба соли 2017 се баробар зиёд аст.

Аммо барои баланд бардоштани самаранокии соҳа ҳанӯз бисёр корҳоро анҷом додан зарур аст. Зимни пурсишҳо дар маҳалҳо танҳо 30 фоизи пурсидашудагон таъкид кардааанд, ки дар соҳаи тиббиёт тағйироти мусбиро ҳис мекунанд.

Роҳбари давлат панҷ самти бозсозии ояндаро муқаррар намуд.

Якум – ҳалқаи ибтидоии тиббиётро ба низоми бармаҳал муайян намудан ва муолиҷаи беморӣ табдил додан.

Дуюм – ҳаҷми сифати хидматрасонии тиббии маҳдудро аз тариқи марказҳои махсус афзудан ва куллан беҳтар намудан.

Сеюм – аз тариқи рақамисозӣ коғазбозии зиёдатӣ, бюрократия ва коррупсияро дар соҳа куллан кам кардан.

Чорум – рақобатро инкишоф дода, иштироки сектори хусусиро дар тамоми самтҳои тиббиёт васеъ намудан.

Панҷум – дараҷаи дониши ходимони тибро баланд бардоштан, таълим ва илми тибро инкишоф додан.

Дар ҷамъомад ҷиҳатҳои амалии иҷрои ин вазифаҳо муҳокима гардиданд.

– Тасаввур кунед, ки чӣ қадар одамон ризо мегарданд, саломатии худро барқарор мекунанд, агар дар соҳаи тиббиёт ислоҳотро сифатнок ва ҳадафрас ба амал татбиқ намоем. Он замон, ки шахсони масъули соҳа, ҳокимон бо ҳар як духтури деҳот, ҳамшира машварат менамояд, таҷрибаи ҷаҳониро меомӯзад ва чораҳои меандешад, тағйирот ҳатман рух медиҳад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Эътибори аввалро бояд ба беҳсозии сифати хидмат дар нуқтаҳо ва поликлиникаҳои тиббии оилавӣ бояд нигаронд.

Имрӯз муассисаҳои ҳалқаи аввал аз беш аз 250 намуди беморӣ потенсиали муолиҷаи 87 намуди бемриро соҳиб мебошанд. Барои ин муҳим аст, ки ҳалқаи мазкур бо кадрҳои баландмалака таъмин гардида, инчунин бо 50 намуди доруворӣ ва 16 намуди таҷҳизоти тиббии кӯмаки таъҷилӣ таъмин карда шаванд.

Президент аҳамияти табобати бемориҳои доимиро дар ҳалқаи аввал, хусусан пурзӯр намудани профилактикаи дилу раг ва рӯдаву меъдаро таъкид намуд. Ҷорӣ намудани маҷмӯи хидматрасонии тиббии бепули табобати бемориҳои ҳалқаи аввал ба нақша гирифта шудааст.

Ба ногузирии баланд бардоштани малакаи духтурони оилавӣ якҷоя бо Ташкилоти ҷаҳонии тандурустӣ, ҷалб намудани мутахассисон ба ноҳияҳои алоҳида дар доираи барномаи «Духтури деҳа» ишора гардид. Вазифаи такмили меъёрҳои штатҳои нуқтаҳо ва поликлиникаҳои духтурони оилавӣ, талаботи малакавӣ нисбати духтурон ва ходимони тиббии ҳалқаи миёна, стандартҳои мучаҳҳазсозӣ гузошта шуд.

Дар мамлакат 17 маркази тиббии махсус фаъолият дорад. Онҳо дар маҳалҳо муоинаҳои тиббӣ ба амал меоранд, дар натиҷа беморӣ дар марҳалаи бармаҳал маълум карда шуда, дастёбӣ ба мадади тиббӣ осон мегардад. Аз он ҷумла, марказҳои фтизиатрия ва педиатрия шуъбаҳои худро дар тамоми минтақаҳо кушода, ба шарофати он дар ду соли охир теъдоди бемороне, ки ба Тошканд меоянд, қариб 20 фоиз кам гардид.

Роҳбари давлат ногузирии босамар вобаста намудани беморхонаҳои вилоятӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ ба марказҳои махсус ва наздик сохтани хидматрасонии бомалакаи тиббиро ба аҳолӣ таъкид намуд.

Ҳамин тариқ, ташхисгузорӣ, муолиҷа ва реабилитатсияи беморихои дилу раг, меъдаву рӯда, респираторӣ ва дерматологие, ки мудохилаи ҷарроҳиро тақозо надоранд, метавонанд дар ноҳияҳо анҷом дода шаванд. Дар дараҷаи минтақаҳо шароити ногузир барои ташкили ҷарроҳӣ дар соҳаи микрохирургияи чашм, урология, травматология, ҷарроҳии торакалӣ ва абдоминалӣ кифоя мекунад.

Дар марказҳои ҷумҳурӣ бошад, бартарӣ ба беморихои ташхисаш мураккаб ва ҷарроҳиҳои баландтехнологӣ бояд дода шавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

Фикри депутат

СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН – ДАР АМАЛ

Солҳои охир бобати тарбияи комили насли наврас, барои ба ҳаёти мустақил тайёр кардани ҷавонон фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ корҳои зиёд амалӣ мешаванд. Ба мақсади мустаҳкам кардани асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул гардид. 30 июн дар мамлакат «Рӯзи ҷавонон» эълон карда шуд. Ба мақсади рағбатноксозии ҷавонони кишвар, ки дар ҷабҳаҳои гуногун ба комёбиву натиҷаҳои баланд муваффақ мегарданд, мукофоти давлатии «Мард ӯғлон» ва медали «Келажак бунёдкори» таъсис ёфтанд.

Алҳол дар мамлакат панҷ ташаббуси муҳим амалӣ мегарданд, ки ба васеъ ҷалб кардани ҷавонон ба соҳаҳои маданияту санъат, тарбияи ҷисмониву варзиш, афзудани саводнокии онҳо бинобар технологияҳои олии иттилоотӣ, тарғибу ташвиқи китобхонӣ дар байни ҷавонон, таъмин кардани занону духтарон бо шуғл нигаронида шудаанд. Соли 2021 дар мамлакат «Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкам кардани саломатии аҳолӣ» эълон гардид ва дар ин бобат Барномаи давлатӣ қабул шуд. Дар пояи дастурҳои иловагии вобаста ба сиёсати давлатии ҷавонон барои вусъат додани иқтидору салоҳияти онҳо, мутахассиси шоистаи соҳаи писандидаи худ шудани ҷавонон ва инкишоф додани иқтидорашон дар байни доираи васеи ҷавонон баргузор кардани чораву тадбирҳои шавқмандкунӣ пешбинӣ гардидааанд.

13 апрели соли 2021 таҳти сарвории Президент Шавкат Мирзиёев ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор шуд, ки дар он ба масъалаҳои бо шуғлфарогирии ҷавонон, пурмазмун гузаронидани вақти холии онҳо эътибори махсус зоҳир гардид. Дар ин ҷамъомади видеоӣ махсус таъкид шуд, ки бояд ба баргузор кардани ҷашнвора ва мусобиқаҳои гуногун, ҳавасманд намудани ҷавонон ба варзиш, маданият ва санъат, таъмин кардани иштироки онҳо дар озмунҳои бонуфузи байналхалқӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Рӯзҳои 14-16 майи соли равон ба ҳамин мақсад дар шаҳри Чирчиқи вилояти Тошканд таҳти сарпарастии ҳокими вилоят ва оҷонсии корҳои оид ба ҷавонони Ӯзбекистон ҷашнвораи «Ҷавонони Ӯзбекистони нав, муттаҳид бошем!» баргузор гардид. Дар он аз тамоми ҳудудҳо бисёр ҷавонон фаъолона иштирок карданд.

Ҷашнвораи мазкур бо риояи комил ба қоидаҳои карантин гузашт ва дар он бисёр барномаҳои шавқовар, тренинги тоҷирони машҳур, сабақҳои варзишгарон, намунаҳои мӯд ва дизайн намоиш дода шуданд. Дар ҷашнвора барои чорабиниҳои умумӣ бо мақсади пурсамар гузаронидани вақти холии ҷавонон бозиҳои зеҳнӣ, майдони рақс, клуби махсус барои занон, шахраки таомхурӣ ва бачагона барпо карда шуданд.

Ҷашнвора бо барномаҳои шавқовар маҳдуд нагардид. Дар ин ҷо барои иштирокдорони ҷашнвора ба мақсади намоиш додани асрори корҳои эҷодии худ ҳунармандони ҷавон ҷалб карда шуданд. Иштирокдорони тадбир ва ғолибони он бо туҳфаҳои хотиравӣ ва дипломҳо тақдир карда шуданд.

Ҳамчунин барои тарбиятгарони хонаҳои меҳрубонӣ, фарзандони оила-ҳои эҳтиёҷманд, умуман барои 50 нафар писарон иқдоми «Тӯйи суннат» гузаронида шуд.

Дар бозори ҷойҳои холии корӣ корхонаву ташкилотҳо бо 10-12 ҷойи холии кор иштирок намуданд, рӯзҳои ҷашнвора беш аз 300 нафар ҷавонон барои кори дилхоҳи худ роҳхат гирифтанд. Ҳамчунин бинобар омӯзондани пайвандгарӣ, дуредгарӣ ва дӯзандагӣ барин касбҳо роҳхатҳо супурда шуданд.

Беҳуда нест, ки ин ҷашнвораи ҷавонон, ки бори аввал баргузор мегардад, дар вилояти Тошканд ва боз дар шаҳри Чирчиқ гузаронида шуд. Дар ин шаҳр бобати бо шуғлфарогирӣ, ҳамчунин бо манзил таъмин намудани оилаҳои ҷавон корҳои бунёдгарӣ бо суръат идома доранд.

Ба тарзи хулоса, агар гӯем, ки ҷашнвораи дар шаҳри Чирчиқ баргузоршудаи ҷавонон барои вусъат бахшидани иқтидору салоҳият, мутахассиси сазовори соҳаи писанддидаи худ гардидани онҳо ба сифати тадбири шавқмандгардонӣ хидмат хоҳад кард, муболиға намешавад. Ҷашнвораи мазкур, ки се рӯз идома дошт, 16 май навбатро ба вилояти Андиҷон супурд.

Моҳира ХӮҶАЕВА, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

18 майи соли 2021 дар ҷаласаи умумии 75-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи махсус, ки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар бораи ҳудуди инноватсионӣ ва технологияи экологӣ эълон кардани минтақаи баҳри Арал пеш гузоштааст, якдилона қабул гардид.

СММ БОЗ ЯК ТАШАББУСИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОНРО МАЪҚУЛ ДОНИСТ

Ташаббуси роҳбари Ӯзбекистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ васеъ дастгирӣ карда шуд. Ба сифати ҳаммуаллиф дар қатъномаи мазкур иштирок кардани тақрибан 60 кишвари минтақаҳои гуногуни ҷаҳон инро равшан тасдиқ менамояд.

Қатъномаи қабулкардаи Ассамблеяи Генералӣ:

— дастгирии чорабиниҳо ва ташаббусҳои минтақавиро, ки ба беҳтар намудани вазъи экологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва демографии минтақаи баҳри Арал нигаронида шудаанд, эълон менамояд;

— фаъолияти тадқиқотӣ ва машвараториро ба манфиати барқарорсозӣ ва беҳтар намудани табиати минтақаи Арал, ҳифзи захираҳои табиӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ минбаъд ҳавасманд мекунад;

— аҳамияти тақвияти ҳамкориҳои минтақавиро дар татбиқи тадбирҳои муштарак оид ба рафъи оқибатҳои бӯҳрони Арал ва ба эътидол овардани вазъи экологии минтақаи баҳри Арал таъкид мекунад;

— ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро барои гузаронидани таҳқиқоти муштараки байнисоҳавӣ, коркард ва ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат намуда, ба рушди фарогир ва аз ҷиҳати экологӣ устувор, истифодаи технологияҳои сарфакунандаи энергия ва об водор менамояд.

Дар ин ҳуҷҷат ба таъсиси Маркази байналмилалии инноватсионии баҳри Арал дар назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо ташаббуси роҳбарияти Ӯзбекистон ва таъсиси Фонди бисёрҷонибаи трасти минтақаи баҳри Арал таҳти шафоати Созмони Милали Муттаҳид баҳои баланд дода, қайд гардид, ки ташаббусҳои мазкур аз ҷониби СММ дастгирӣ карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки минтақаи баҳри Арал аввалин минтақае буд, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ ба монанди «Минтақаи инноватсияҳо ва технологияҳои экологӣ» мақоми баланд дода шудааст. Қабули қатъномаи махсуси Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ба сармоягузорӣ дар таҳия ва татбиқи инноватсияҳои технологияи баланд, аз ҷиҳати экологӣ тоза, сарфакунандаи энергия ва об, татбиқи ҳамаҷонибаи тамоюлҳои «иқтисоди сабз», пешгирии биёбоншавӣ ва муҳофизати экологӣ, рушди экотуризм ва дигар тадбирҳо саъю кӯшишҳоро барои ташаккули шароити зарурӣ ва ҳавасмандгардонии чорабиниҳо муттаҳид мегардонад.

Ҳамзамон, ҳуҷҷат барои умумигардонӣ ва таъмин кардани ҳамоҳангсозии ҳаракатҳои амалии агентиҳо, фондҳо ва барномаҳои махсусгардондашудаи низоми СММ оид ба дастгирии афзалиятҳои минтақавӣ, ҳамгироӣ ва рушди устувор хидмат мекунад.

ЎзА.

МУЛОҚОТИ РАИСИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИС БО НОИБ-ПРЕЗИДЕНТИ БОНКИ ҶАҲОНӢ ОИД БА МИНТАҚАИ АВРУПО ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Нарбаева 18 майи соли 2021 бо ноиб-президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ Анна Берде мулоқот кард.

Дар ҷараёни мулоқот оид ба ҳолат ва дурнамои тавсеаи шарикӣ байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Бонки ҷаҳонӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

Ноиб-президенти Бонки ҷаҳонӣ ба дигаргуниҳои ҷории демократӣ дар кишвар, дастовардҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ, инчунин кӯшишҳое, ки ба коҳиш додани оқибатҳои пандемия ба саломатии шаҳрвандон, таъмини некӯаҳволии аҳолӣ ва дастгирии иқтисодиёти кишвар нигаронда шудааанд, баҳои баланд дод.

А. Берде дастовардҳои Ӯзбекистонро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии занон, таъмини баробарии гендерӣ ва иштироки васеи онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии кишвар қайд кард.

Бонки Ҷаҳонӣ талошҳои Ӯзбекистонро оид ба решакан кардани меҳнати бачаҳо ва иҷборӣ, такмил додани меъёрҳои меҳнатӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ маъқул медонад.

Ҷонибҳо инчунин лоиҳаҳои умедбахшро оид ба рушди парламентаризм, соҳибкорӣ дар байни ҷавонон ва занон, пеш аз ҳама дар деҳот, инчунин баланд бардоштани сармояи инсонӣ, ки барои татбиқ пешниҳод шудааанд, муҳокима карданд.

Хидмати ахбори Сенати Олий Маҷлис Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ЎЗБЕКИСТОН ИМКОНИЯТҲОИ ДОМАНФАРОХ ДОРАД

Рӯзи душанбе сухангӯи сарвари давлат барои хабарнигорони дохиливу хориҷӣ брифинг баргузор кард. Баргузории он ҳар ҳафта ба ҳукми анъана даромадааст. Ин дафъа Шерзод Асадов суҳбаташро аз он шурӯъ намуд, ки ҳафтаи сипаришуда дар ҳаёти мамлакат кадом таҳаввулоти муҳим ба вуқӯъ пайваст ва ҳафтаи равон кадом рӯйдодҳо аз таҳаввулоти муҳими кишварамон хоҳанд буд.

– Тавре ки хабар доред, 10 май Президенти мамлакат бо корҳое ошно шуд, ки ба тақдимоти ривоҷи хизматҳои давлатӣ вобаста буд. Дар пайи он Шавкат Мирзиёев ба дастандаркорони ин соҳа супориш дод, ки маълумоти мавҷудаи ташкилоту муассисаҳо рақамӣ гардонида ва ба коғазбозию бюрократия роҳ дода нашавад, – гуфт Шерзод Асадов. – Сарвари давлат сода намудани хидмат ба мардуми кишвар ва дастрасии аҳолӣ ба онро бо қатъият тақозо намуд, то ки бар ин асос одамон битавонанд ба таври самарабахш ва куллан бароҳат аз ин хизмат бархудор шаванд.

Вай тазаккур дод, ки Шавкат Мирзиёев бори нахуст бо нахуствазири Японияи Ёсихидэ Суга мулоқоти телефонӣ анҷом дод.

Маълум шуд, ки бо ибтикори шарикони японии мо тамоми ҷанбаҳои ҳамкориҳо муфассал муҳокима карда шудаанд. Инҳо тамосҳои дипломатӣ, муборизаи бо пандемия, тиҷорат, савдо, сармоягузорӣ, инноватсия, тандурустӣ, маориф, муҳити зист ва соҳаҳои дигарро фаро гирифтаанд. Японияи Ўзбекистонро шарики муҳим дар минтақа арзёбӣ кардааст ва омодагии худро барои тамоми ҳамкориҳои манфиатбахш баён доштааст.

Ҳафтаи сипаришуда Шавкат Мирзиёев саронии давлатҳои Туркия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистонро бо иди Фитр мубораксбод намуд.

– 14 май дар мулоқоти ӯ бо сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода танҳо масъалаҳо ҳамкориҳои амалӣ барои дарозмуддат матраҳ шуд. Шавкат Мирзиёев дастур дод, ки сурҳати омодагиҳо ва татбиқи лоиҳаҳои муштаракро биафзоянд ва зимни ташрифи ӯ ба Тоҷикистон ба шартномаҳои аслан воқеӣ сару кор дошта бошанд. Яъне ҳамаи шартномаҳо бояд асоснок ва манбаъи таъминоти молиашон, иҷрокунандагони он ва муҳлаташон дақиқ нишон дода шаванд. Ягон қатъномаҳои чаҳорчӯба ба имзо намерасанд, – таъкид варзид Шерзод Асадов.

Шерзод Ассадов аз он ёдовар шуд, ки дар рӯзҳои иди Рамазон Шавкат Мирзиёев аз маркази гематология ва онкология боздид намуд. Гуфта шуд, ки бинои Маркази ҷумҳуриявии гематология солҳои 60-уми қарни гузашта эъмор шудааст ва ба талаби имрӯз ҷавоб дода наметавонад. Барои ҳамин сарвари давлат амр кардааст, ки марказ ба бинои нав, воқеъ дар кӯчаи Арнасойи шаҳри Тошканд интиқол ёбад, ки дорои 300 кат мебошад.

– Муҳимтар аз ҳама, дар маркази нав амалиёти трансплантатсияи аллогениро анҷом додан мумкин мешавад, – гуфт Шерзод Асадов.

Чунин амалиёт то ҳол дар Ўзбекистон анҷом дода нашудааст, барои ҳамин шаҳрвандони кишварамон маҷбуранд, ки барои анҷоми он дар ивази маблағҳои калон ба хориҷа раванд.

Ба гуфтаи ӯ боздиди сарвари давлат аз Маркази ҷумҳуриявии илмӣ-амалии онкология ва радиология, суҳбату мулоқотҳо бо кӯдакону наврасони бемор ва волидони онҳо низ аз ҳодисаҳои муҳими ҳафтаи сипаришуда арзёбӣ гардид.

– Дар арафаи иди моҳи шарифи Рамазон 100 нафар шаҳрвандоне, ки муддати ҷазоро сипарӣ менамоянд ва аз кардаи худ сахт пушаймонанд, бо амри Президент афв карда шуданд. Онҳо минбаъд ба корҳои манфиатнок машғул хоҳанд шуд, – иброз намуд сухангӯи сарвари давлатамон.

Шерзод Асадов қайд намуд, ки дар ҳафтаи равон низ пиёда кардани як қатор чорабиниҳои муҳим мадди назар мебошанд. Ҳамзамон Шавкат Мирзиёев ноиби раиси Бонки ҷаҳонӣ дар умури Аврупо ва Осиёи Марказӣ Анна Бердеро ба ҳузур мепазирад. Баъд аз он вай дар нишасти навбатии Шӯрои олии иқтисодии АвруОсиё ширкат мекунад.

Дар поёни брифинг Шерзод Асадов ба якчанд саволи хабарнигорон посух дод. Вай дар робита ба он ки оё Шавкат Мирзиёев бо журналистон, аз ҷумла хабарнигорони хориҷӣ мулоқот хоҳад кард, гуфт, ки чанд бор чунин мулоқотҳо дар доираи маҳдуд ба вуқӯъ пайвастанд. Вай афзуд, ки дар оянда ба ин мулоқоти сарвари давлат дар шакли густардатар амалӣ хоҳад шуд.

Ҳамчунин Шерзод Асадов дар бораи Миёна таваҷҷуҳ намуд. Ба гуфтаи ӯ Ўзбекистон чунин мешуморад, ки ҷонибҳо ба даргириҳо хотима бахшанд ва хунрезиро қатъ намоянд.

Вай илова кард, ки муаммои Фаластину Исроил дар доираи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ бояд ҳаллу фасл шавад.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
“Овози тоҷик”.

Дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Илёсов», ки дар шаҳри Фарғона ба кор шурӯъ кардааст, содироти мол ба Русия ва солҳои наздик ба Аврупову қитъаҳои дигари дунё пешбинӣ мегардад.

Дар корхона технологияҳои саракуниву қадоқкунӣ гузошта шудаанд, яхчолҳо амал мекунанд. Ҳангоми истифода аз воситаҳои коркарди гелос омили инсонӣ маҳдуд мебошад. Дар ин ҷо танҳо дар хатҳои саракунӣ меҳнати дастӣ истифода мешавад.

Ҳоли ҳозир дар назди корхона гумрук, назорати карантин, бозори меваву сабзавот, лабораторияи фитосанитарӣ, низоми назорати масофавӣ ва майдончаи савдо фаъолият доранд.

Дар сурат: *дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Илёсов»-и шаҳри Фарғона.*

Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).

САМТҲОИ МУҲИМИ БОЗСОЗИИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ МУАЙЯН КАРДА ШУДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Бинобар ин супурда шуд, ки руйхати бемориҳое тасдиқ гарданд, ки дар бемористонҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ муолиҷа мегиранд ва ҳамчунин дар ин замина дар бобати такмили малакаи духтурон чораҳо андешида шавад.

Дар назди ҳокимон вазифаи таъмини муассисаҳои тиббии минтақавӣ бо таҷҳизоти баландтехнологӣ ва дастгоҳҳои тиббӣ мисли ангиограф, лапароскоп, дастгоҳҳои гардиши сунъии хун гузошта шуд.

Инчунин таъкид шуд, ки ҷараёни литсензиядиҳии ташкилотҳои хусусии тиббӣ бояд содда карда, пурра рақамӣ гардонда шавад.

Имрӯз ба фаъолияти муассисаҳои тиббӣ, ки дар мамлакат беш аз 3 ҳазортоанд, технологияи замонавӣ ҷорӣ карда мешаванд. Ба низоми информатсионии «Поликлиникаи электронӣ» 423 муассисаи ҳалқаи ибтидоӣ васл гаштааст.

Аммо барои кор ба тарзи нав на дар ҳама ҷо шароити муносиб фароҳам оварда шудааст. Дар баъзе муассисаҳои тиббӣ компутер намерасад. Бо вуҷуди он ки барои рақамисозии соҳа аз буҷа 28 миллиард сӯм ҷудо карда шудааст, кор дар ин самт хеле сust аст.

Бинобар ин дар идораҳои вилоятии тандурустӣ ҷорӣ намудани вазифаи муовини роҳбар оид ба рақамисозӣ ва рушди шарикии давлативу хусусӣ ба нақша гирифта шудааст. Ғайр аз ин дар тамоми муассисаҳои тиббӣ барои кор дар низоми электронӣ 2 ҳазор воҳид штати ҳамшираҳои оператор ҷорӣ карда мешавад.

Супурда шуд, ки то 1 августи соли ҷорӣ додани ордери системаи электронӣ ба кор даромада, бо онҳо тамоми марказҳои минтақавӣ ва махсус васл гарданд ва ҳамчунин дар тамоми поликлиникаҳои Тошканд то 1 ноябр коргузории коғазӣ пурра рақамӣ гардонда шавад.

Дар ҷамъомад инчунин масъалаҳои мустаҳкамсозии саломатии модар ва кӯдак муҳокима гардид. Дар навбати аввал аҳамияти пеш бурдани тарзи ҳаёти солим ва маданияти дурусти истеъмолии кӯдак таъкид гардид. Ба амал овардани скринингҳои ҳадафнок бинобар таҳлили вазъият дар ҳар як минтақа гузошта шуд.

Фармоиш дода шуд, ки марказҳои перинатал ва скрининг дар вилоятҳо бо ташкилотҳои марказҳои ноҳияҳо ба як кластер муттаҳид гардонда шаванд.

Боз як самти бартаринок дар тандурустӣ рушди таълим ва илми тиббӣ ва тарбияи кадрҳо ба шумор меравад.

Методологияи имрӯзаи таълими тиббӣ 30-40 сол мӯҳладдам тасдиқ гаштааст ва аксарияти китобҳои дарсӣ ба стандартҳои байналхалқӣ мутобиқ нестанд. Муассисаҳои олии таълимӣ ва марказҳои махсус барои баланд бардоштани потенсиали илмӣ шавқ надоранд.

Аз ин бармеояд, ки трансформатсияи муассисаҳои олии таълимии тиббӣ ба амал оварда шуда, самтҳои нави тарбияи менеҷерҳо ва мутахассисон доир ба кор бо таҷҳизоти баландтехнологӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ кушода шаванд. Супориш дода шуд, ки ҷавонони боистеъдоде, ки дар ординатура ва магистратураҳо таҳсил менамоянд, барои коромӯзӣ ба хориҷӣ фиристода шаванд.

– Ҳар сол триллионҳо барои соҳаи тандурустӣ ҷудо гардида, кредитҳои байналхалқӣ ҷалб карда мешаванд. Халқамон фоидаи ин маблағҳоро бояд эҳсос намояд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Аз рӯи масъалаҳое, ки дар ҷамъомад муҳокима гардиданд, маълумоти шахсони масъул шунида шуд.

ЎзА.

ФОРУМИ РОҲБАЛАДОН

Табиист, ки имрӯз аз ҷониби ҳукумати кишвар ва Президент ба эҳёгарони давраи нави Ўзбекистон, яъне ҷавонон эътибори махсус дода мешавад. Дар ин бобат бо ташаббуси Агентии кор бо ҷавонон ва Иттифоқи ҷавонони Ўзбекистон доири бо ҷойи кор таъмин намудан ва пурмазмун гузарондани вақти холии ҷавонон корҳои васеъмиқёс татбиқ мегарданд.

Бо ташаббуси Шӯрои марказии Иттифоқи ҷавонони Ўзбекистон якҷо бо Агентии кор бо ҷавонон ва Вазорати таълими халқ дар “Оромгоҳи ҷавонон”-и ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд барои роҳбаладони ҷавонон, ки дар муассисаҳои таълимии кишварамон кору фаъолият доранд, семинар-тренингҳо гузаронда мешаванд.

– Имрӯз дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии кишварамон беш аз 6,5 миллион нафар хонандагон таҳсил мегиранд, 1 ҳазору 64 ташкилоти ибтидоии Иттифоқи ҷавонони Ўзбекистон фаъолият нишон дода, ки дар онҳо роҳбалади ҷавонон кор пеш мебаранд, – мегӯяд роҳбари шуъбаи кор бо роҳбалади ҷавонони Шӯрои марказии Иттифоқи ҷавонони Ўзбекистон Аббос Тағоймуродов. – Бо ташаббуси Шӯрои марказӣ аз 28 апрел то 2 июли соли ҷорӣ дар “Оромгоҳи ҷавонон” форуми роҳбаладон ташкил ёфтааст, ки дар давоми он мувофиқи дастур роҳбалади ҷавонон малакаи худро меафзоянд. Мувофиқи барнома, тӯли ҳар чаҳор рӯз роҳбаладонон шаҳри Тошканд, вилоятҳо ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон инҷо омада, аз ҷониби мутахассисони соҳа барои худ маслиҳат ва маълумотҳои муфассал мегиранд. Мақсад аз баргузор намудани Форуми роҳбаладони ҷумҳурӣ ҷонок кардани фаъолият, рушди қобилияти пешсафӣ ва ҳамаҷониба дастгирӣ кардани онҳо мебошад.

Бинобар гуфти А.Тағоймуродов дар давоми Форум наздик ба 4 ҳазор нафар дар тренингҳо иштирок намуда, малакаи худро такмил медиҳанд.

М. МИРМАҲМАДОВ,
роҳбалади ҷавонони ташкилоти ибтидоии мактаби рақами 43-юми ноҳияи Бӯка.

ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ ҶӮЙ ВА КАНАЛҲОИ ТОШКАНД

Беҳуда «обу ободӣ» ё худ дар ҷое, ки об ҳаст, ободӣ ҳаст, нагуфтаанд. Мардум дар ҷойҳои барояшон қулай баробари манзил сохтан, сарҷамъ зиндагӣ ба сар бурда ба ободгарӣ рӯ оварданд ҷӯй меканданд, об мебароварданд. Маҳалла ва ноҳияҳое мавҷуд, ки номашон бевосита ба «ҷӯй» алоқадор. Масалан, Ҷӯинав. Аз ҷумла, муаллифи ин сатрҳо дар деҳае ба дунё омадааст, ки Янгиариқ ном дорад. Яке аз ноҳияҳо дар вилояти Хоразм низ – Янгиариқ. Янгиариқ, ҳамчунин, аз калонтарин маҳаллаҳо дар ноҳияи Юнусободи шаҳри Тошканд мебошад. Бо баназаргирии адади ҷӯйҳо низ маконҳоро ном гузоштаанд, мисолан – Учариқ, Кӯкариқ... Яке аз шаҳрҳои Туркманистон – Чорҷӯй. Дар вилояти Фарғона ноҳияҳои Бешариқ ва Олтиариқ мавҷуд.

Хуллас, дар ҳама манзилу макон, ба маъноии васеъ, ҷӯй ва каналҳо воситаи муҳим дар таъминоти обӣ.

Дар ҳамчун шаҳри азим ташаккулёбӣ ва тараққӣ сохтани Тошканд, айни замон, таъминоти обӣ аз заруртарин шартҳо қарор гирифтааст. Ҳанӯз нахустин сокинони он мувофиқи маълумотҳои дерин, аз оби дарёи Чирчиқ бахраманд будаанд. Канали Бӯзсувро кофтанд, ба марзҳои дар собиқа дашту саҳро об бароварданд, нуқтаҳоеро, ки баҷдтар аҳолинишин гаштанд, обод намуданд. Маълум, ки қисми шимолӣ-шарқии шаҳр нисбатан баландтар, ҷанубӣ-ғарбиаш пасттар мебошад. Рӯду ҷӯйборҳои баҷдина асосан аз баландӣ ҷониби пастиҳо ҳаракат сохтаанд. Аммо дар баъзе нуқтаҳои табиии обӣ баробари пастӣ ё ҳамворӣ рӯ ҷониби ноҳамворӣ низ ҳаракати ҷӯйборҳоро мушоҳида намудан мумкин. Шохобҳо ба худ ном доштанд. Он номҳо (ё худ гидронимҳо) то андозае гоҳо ба таърихи шаҳри бостон низ вобастагӣ доранд.

Яке аз калонтарин каналҳои шаҳр – Бӯзсув дар самти рости дарёи Чирчиқ воқеъ буда, аз ду ҷои он – Бӯзсувзаҳ, дар баробари ин маҳаллаи Бӯзсувбошӣ воқеъ дар шаҳри Чирчиқ ибтидо мегирад. Бӯзсув баъди ҷорӣ шуда баромадан аз Тошканд ба шаҳри Чиноз мегузарад, ба дарёи Сир мерезад. Дарозии умумиаш 159 километр мебошад. Назар ба маълумоти манбаъҳо, Бӯзсув қисми шимолии шаҳрро пас гузошта, ҳанӯз дар охири асри XIX ва ибтидои XX дар қисми марказии шаҳр Анҳор, баъди баромадан аз шаҳр Бӯричар ном гирифта буд. Миқдори умумии шохобҳои Бӯзсув дар рӯзҳои мо, ки қисми муайяни пойтахтро бо об таъмин мекунанд, 25-то мебошад.

Кай канда шудани канали Бӯзсув маълум нест. Назар ба тахмини археологҳо, он дар ибтидои солшумории милодӣ кофта шудааст. Адиб ва таърихнигори асри XIX Муҳаммад Солеҳ дар асари худ «Таъриҳи ҷадиди Тошканд» қайд кардааст, ки Бӯзсув дар қадим Кайкобус ном дошт. Алҳол қисми болоии каналро Бӯзсув ном мебаранду халос. Он аз ду компонент – «бӯз» ва «сув» таркиб ёфтааст. «Бӯз» якчанд маъно дорад: ранг, нилобии равшан, сафед. Матои бо даст бофташуда низ – бӯз. Ҷуз ин бӯз маъноии «нав»-ро низ ифода мекунад. Майдонҳои ҳанӯз азхуднашуда ё худ чарогоҳҳоро, айни замон, «бӯз» мегуфтанд. Тахмин меравад бинобар ба ҷойҳои холӣ бароварда шудани об бо мақсади обёрӣ канал «Бӯзсув» ном гирифтааст. Дар поёни қарни XIX ва ибтидои асри XX рӯди Бӯзсув аз ҳудудҳои Янгишаҳардарвоза, Ертешган, Янгишаҳар-Шаҳидонтепаи даҳаи Себзор гузашта то маҳаллаи Сирли масҷид ҷорӣ мегашт, дар таъминоти об аҳамияти калон касб менамуд. Дар обёрии саҳрову боғот ва таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ аз он истифода мебурданд.

Чанд сухан оиди ҷӯй ва наҳрҳое, ки дар қисмати шаҳри куҳани шаҳр ҷористанд. Канали Анҳор дар қисмати чапи Бӯзсув воқеъ буда, аз шимолӣ-шарқии шаҳр ба ҷанубӣ-ғарбии он ҷорӣ мегардад. Анҳор чун сарҳад қисматҳои Шаҳри куҳна ва Шаҳри нав дар Тошкандро ҷудо ҳам намуда омадааст. «Анҳор» шакли ҷамъи «наҳр», яъне дарёст. Аммо ин ҷо на якчанд дарё, балки канале ҷорӣ асту халос. Бо вуҷуди ҳамин канал дар манбаъҳои куҳна «Анҳор» зикр ёфта, гидроним гоҳо чун «Ангор» низ қайд шудааст.

Маълум, ки дар қисмати даҳаи Шайхонтаҳур баробари Лабзак, Ертешган, Минор, Қиёт ва ҳоказо Тоҷикмаҳалла низ мавҷуд. Сокинони Тоҷикмаҳалла ҳам аз дер аз оби Анҳор истифода менамоянд.

Давоми канали Бӯзсув будани Бӯричарро қайд карда гузаштем. Бӯричарро аҳолии маҳаллӣ Бӯрҷар низ ном мебаранд, ки алъон соҳилҳояш хеле шодоб гардидааст.

Дигар аз ҷӯйҳои калон Ҷарариқ буда, гидроними он ба релеф низ вобаста, яъне ҷӯест, ки дар ҷар ҳосил шуда. Ҷарариқ сӯи пастхамиҳо бошитоб, дар баъзе ҷойҳо оромона ҷорист.

Дар қисмати шаҳри куҳан боз канале мавҷуд бо номи Кайковус. Мегӯянд гидроними «Калковуз» бо топонимҳои «Кайковус» ва «Кайкобус» табдил ёфтааст. Кайковус, зимнан, номи яке аз қаҳрамонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ мардум ҷанҷол мекард, бинобар ҳамин ҷӯи Лабзак «Ҷангоб» низ ном гирифт.

Дар қисмати Шаҳри куҳна боз каналҳое ҷорианд бо номҳои Ҷӯйи Чиғатой, Ҷӯйи Чорсӯ, Ҷӯйи Ҷовлӣ, Ҷӯйи Учкӯпрук, Ҷӯйи Шайхонтаҳур, Ҷӯйи шаҳр ва Ҷӯйи Бӯзсув.

Гидроними ду ҷӯйи дигари Шаҳри куҳна, ки Регистон ва Танишаҳр мебошанд, аз калимаҳои тоҷикӣ таркиб ёфтаанд. Чӣ будани маъноии луғавии «Регистон» ба ҳамаамон маълум. Танишаҳрро мутахассисон чун «ҷои ба шаҳр тааллуқнок» шарҳ додаанд. Аз гидроними «Танишаҳр» низ пайдост ҷӯйи зикршуда дар маркази шаҳр ҷорист.

Дар қисмати Шаҳри нави пойтахт, баробари ҳамин, ҷӯй ва каналҳои зиёд кофта шудаанд, ки ҳар кадом ба худ хос номҳо доранд. Бо торафт шодоб шуда истодани соҳили ҷӯй, канал ва рӯдборҳо шаҳри азими Тошканд сабз ва хуррамтар мегардад.

М. ШОДИЕВ,
мухбири
«Овози тоҷик».

НАМОЯНДАГОНИ КИТОБХОНАҲОИ ҶАҲОН ГИРДИ ҲАМ МЕОЯНД

Дар Китобхонаи миллии Ўзбекистон ба номи Алишери Навоӣ бо ҳамкории якчанд вазорату идораҳо дар Тошканд анҷумани XIV байналхалқӣ таҳти мавзӯи «Central Asia – 2021: дар фан, таълим, маданият ва тиҷорат, интернет ва ресурсҳои ахбору китобхона» баргузор мегардад.

Анҷуман дар соҳаи фан, таълим, маданият ва тиҷорат, дар муассисаҳои ахбору китобхона, омӯзишгоҳ, архив, нигористон ва дигар ташкилотҳо ба роҳ мондани ресурсҳои ахбори электронӣ, инчунин ҳал намудани мушкилоти китобхонаҳо, дарёфт намудани роҳҳои рушди инноватсиониро ҳадафи худ қарор додааст.

Анҷумани мазкур бори аввал бо ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ таҳти мавзӯи «Китоб ва мутолиа – ресурси стратегии рушди ҷамъият» баргузор мегардад. Дар ин чорабинии васеъмиқёс ҳолати имрӯзаи ахбору китобхонаҳо, иҷрои ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ доир ба соҳа, таҷриба, мушкилоти роҳҳои ҳалли худро ёфта, созишнома ва нақшаҳои истиқболнок ба имзо мерасанд.

Бо ташаббуси роҳбари давлат ба соҳаи ахбору китобхона эътибори алоҳида дода мешавад. Қарори Президент «Дар бораи боз ҳам такмил додани хидмати ахбору китобхона ба аҳолии Ўзбекистон» аз 7 июни соли 2019 ба ин соҳа такони нав бахшид.

Дар чаҳорчӯбаи анҷуман бахшида ба 150-солагии Китобхонаи миллии Ўзбекистон чорабинӣ, суҳбати мизи мудаввар, аксия, намоишгоҳҳо низ баргузор мегарданд. Мувофиқи қарори Девони Вазирон аз 22 декабри соли 2020 нишони сарисинагии «Аълочии ахбору китобхона» таъсис ёфта буд. Дар доираи анҷуман маросими супурдани нишони сарисинагӣ ба мудир, мудира ва китобдороне, ки дар ин соҳа солиёни дароз фаъолият бурдаанд, дар ҳифзи китобҳои нодир, рушди маданияти китобхонӣ ва мутолиа дар ҷамъият, тайёр намудани кадрҳо ҳисса гузоштаанд, ба нақша гирифта шудааст.

С. БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Ҳоҷагии фермерии «Қандил Парвоз Файз»-и ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё фаъолияти худро бо парвариши навъҳои моҳии карп оғоз карда буд. Соли 2020 бинобар ба истифода супурдани маҷмӯи моҳипарварӣ, ки арзиши умумии лоиҳавиаш 9 миллиард сӯм мебошад, парвариши гулмоҳӣ, ки хеле душвор аст, ба роҳ монда шуд.

Дар сурат: *дар ҳоҷагии фермерии «Қандил Парвоз Файз».*

Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).

Ба муносибати 80-умин солгарди зодрӯзи Лоиқ Шералӣ

НОМАИ ЭЪҶОЗ

Лоиқ Шералӣ бо шоирахо Зулфия ва Гулрухсор.

Дар дунё мафоҳиме ҳастанд, ки муҳлати ҳаёташон барои ҳамеша тамдид шудааст ва офтобу моҳу осмону замину кӯҳу дарё ва аносире амсоли ин дар ҳамин шумоpанд. Дар миёни ин ҳамешатаринон, бо он ки умри ҷисмашон сипарӣ гаштааст, бузургони олам низ қарор доранд, ки бо осору афкори беғуруби худ ҳамраҳи имрӯзиёну фардоиён ба зиндагӣ идома мебахшанд. Замоне, чун ба бузургону саромадону сарҷаридагони шеъри Ачам меандешидем, бо ном бурдани чанд пешвои муаззам аз Одамушшуаро Рӯдакӣ то Аллома Иқболи Лоҳурӣ иктифо мекардем. Ҳоло дар ин ҷадвали муборак исми хуҷастаи нобиғагони ҳамрӯзгори мо низ сабт шудааст, ки устод Лоиқ Шералӣ "чун ёқути сурх дар миёна" аст.

Шеъри устод Лоиқ бо тозакориву бешабоҳати сувариву ҷавҳарӣ, бо растохезҳои пиндору андеша, бо суннатгароиву суннатшиканиҳои диловарона, бо ишқу ормону башорату иршодҳои шоиронаву ошиқона, бо ҷазаботи инсониву кайҳонӣ, бо поёҳову мояҳои милливу башарӣ – бо рӯҳи фотеҳи офоқгираш дили мову шумоpо фатҳ кардааст. Шоирони донишвару рамзошно кам нестанд, аммо "маҳбубият" ҷоизаест, ки воҳидеро аз ҳазорон насиб меояд. Яке қабули хос асту дигаре қабули ом ва кам иттифоқ меафтад, ки нафари офтобишамъе аз фарш то арш ҳамаро мунаввару мусаххар созад. Устод Лоиқ ҳамон падидаи истисноист, ки бо рабоиши бузурги инсониву шоириаш дилҳои ҳамагонро дар инҳисори муҳаббат нигоҳ медорад. Ончунон нигоҳ медорад, ки баъди ин ҳама соли даргузашташ низ халқи шоиршинос бо таъбири ҳазрати Ҳофиз дили худро саропардаи муҳаббат ва дидаашро ойинадори талъати ӯ медонад.

Устод Лоиқ риндтарину порсотарин, маҳгуртарину боталвозӯъатарин, миллитарину ҷаҳонитарин, куҳанпазиртарину навгаротарин, собиттарину тундмаҷротарин, хештарину ошнотарин, имрӯзитарину фардотарин шоири Ачам аст, ки тоза ба тоза, нав ба нав ба мову шумо дуруд мегӯяд. Устод Лоиқ (дар назари ман) девони пирӣ надорад, ҳамаи офаридаҳои ӯ девони ҷовидони ҷавонист, ки ба ҷонҳои пазирандаи мо башорати ҷовидонии ишқ мебахшад.

Ӯ дар тамоми жанрҳову шаклҳои куҳану нави шеър тозакориву ибдоъ кардааст. Бо ташрифи устод Лоиқ ба қаламрави сухан ғазал комилан дигаргуна шуд, рубоиву дубайтӣ ҳам, шеъри чаҳорпора ҳам, фард ҳам. Қасида бо дӯшбори дигар ба зиндагии мо омад, шеъри сафед дар коргоҳи таҷриба дар ҳоли озмоиш қарор гирифт, шеъри нимоӣ нашъунамои беқиёс ёфт. Аммо ҳолиё дар ин оғоз нома мову шумо ба сарнавишти ғазал меандешем.

Ғазал ҳанӯз мезист. Дар охири солҳои панҷоҳуму оғози солиёни шастуми садаи бист ҳам бо азият мезист мисли дарахти ҳазорсолае, ки баъди таҷаммулу рифъати дӯшин, инак, ҳар сулулаш зиндагиро падруд гуфтааст ва дубора маҷоли ба фарвардин пайвастану ҷавона бастан надорад. Лоҳутӣ даргузашта буд ва касе ғазалҳои лоҳутӣ намесуруд. Ғазал чун таҳмондаи зиндагии кӯҳна гӯё ҳукми эъдом гирифта буду ба самти нестӣ сафар мекард. Гӯё бо рафтани Мавлонову Саъдиву Ҳофизу Камолу Ҷомиву Бедилу пешкорони дигар зиндагонии ғазал низ хотима ёфт. Воқеан, ғазал, ки мисли мусиқии офтоб бо пайки афифи осмонияш даҳ қарни мозиро афрӯхта буд ва ҳолиё низ дар кишварҳои ҳамзабон рисолати беғуруб дошт, барои иншову ифшои ормонҳои сусиёлистӣ носозгор монд. Шояд барои он ки оғӯши ғазал пур аз гулу булбулу шамъу парвонаву тубову сабову ғизолони раъновуи шаробу соқӣ буд. Ҳатто шоири навгарову навсарое чун устод Лоҳутӣ барои бозгӯи дардҳои иҷтимоъ гоҳе булбулу парвонаи қадимро ба ёрӣ мехонд:

Фақат сӯзи диламро дар
ҷаҳон парвона медонад,
Ғамамро булбуле,
к-овора шуд аз лона,
медонад.

Оби бакое мебоист, ки дар решаву бунёди ғазал мерехтанду ин пири беояндаро ҷавониву барозидагӣ мебахшиданд. Ва дар ҳамон рӯзгор садои ҷавони бистудусолае, ки фатвои азизони ҳазорсоларо гирифта буд, дили нимурдаи ғазалро чун дили ғофили ҳамзамононаш ба тапиш овард:

Гар ба овози дили ман ту
ҳамовоз шавӣ,
Гар ба оҳанги вафо
замзамапардоз шавӣ,
Дасти ман гириву бар
ҷониби оянда равӣ,
Садди чинӣ шиканӣ,
соҳири мумтоз шавӣ.
Чун гияҳ ишқи ман аз ноз
гияҳмол накун,
То маро ҳамқалами номаи
эъҷоз шавӣ.
Лоиқ аз ишқи ту парвард
дили чун шаҳбоз,
Бо умеде, ки ту ҳам
ҳампари шаҳбоз шавӣ.

Лоиқ Шералӣ – ин ҳампари шаҳбозу соҳири мумтозу ошиқи замзамапардоз нахустин ғазалашро чун рисолатномаи шоирӣ ба имрӯзиён боз намуд: яъне дасти шеърро гирифтану ба фардо бурдан! Шеърро, ки мисли тифли домансавор аст ё пири бемадор. Ва ин ҷавони диловари наворзу пайки ростон буд, ки аз рафтаҳову ояндаҳо хатти эъҷоз овардааст.

Мисли Масеҳо, ки бо дуъои Исми аъзам мурдаҳоро зинда мекард, устод Лоиқ низ бар қолаби беравони ғазал ҷони рамидаро боз овард. Ин таҷаддуд чӣ сон муяссар шуд? Устод Лоиқ аз пайи муршидаш устод Мӯъмин Қаноат бо нахустин таронаҳояш маҷрои шеъри муосирро, ки бо шеваи мутантан ва рӯҳи пурсурури мавсимиву тақвимӣ мавҷгардон буду гоҳе таназзулро пешравӣ мепиндошт, ба самти ростин гардиш дод. Ҳодии иршоди ӯ ба ҷуз устодон Турсунзодаву Қаноат, Мавлоновву Хайёму Саъдиву Ҳофизу Соибу Иқболу дигар ниёгони қибланамо буданд. Аз паси симхорҳову садду сарҳадҳо ӯ паёми ошнои Маликушшуаро Баҳору Нодирпуру Ахавони Солису Халилуллоҳи Халилиро низ мешунид. Яъне устод Лоиқ аз рӯзгори Рӯдакӣ то имрӯз дар ҷуғрофиёи бузурги шеъри форсӣ сайру сулук мекарду ҳамзамон ашъори Ҳутеву Ҳейне, Пабло Нерудаву Есенинро низ барои ҳамватанон тарҷума менамуд. Ӯ алифбои ниёгонро нек омӯхта буд ва он қадар шеър аз бар кард, ки кам касеро ҳамсабқатии ӯ муяссар мешуд. Ӯ ончунон фарҳангҳои муҳташами қадиму ҷадидро фаро гирифта буд, ки худаш низ дар чашми муосирон чун қомуси бузурги забони тоҷикӣ боазамат гардид. Ӯ калимоти нодиреро, ки дар фарҳангҳо кампайдо буд, дар лаҳза тавзеҳ медод ва бурҳон меовард. Забони зиндаи халкро, ки ганҷи шойгон аст, бо муҳаббати азим меандӯхт ва чун ганҷури ин хизона калимоти хушояндро ба қаламрави шеър мебурд. Ӯ он қадар дубайтиву рубоиву таронаҳои халкро ҳифз карда буд, ки шумор надошт мисли баргҳои дарахту қатраҳои дарё. Аммо фақат бо ҳамин фазоил намешавад фатҳи дилҳо намуд. Устод Лоиқ шоири фитративу ҷавҳариву зотӣ буд, ки бо шӯру ҷунуну тӯфону туғёнҳои гармҷӯшу поксурӯшаш, бо каломи содаи бепечу хаму безинату бепирояву бемаҷозу истиорааш мисли нигоҳи тифл, нигоҳи дарё, нигоҳи осмон ҳамаро тасхир кард. Илми ладунниву пайки ғайбу илҳоми шуҳудиву фитрати ҷибиллӣ раҳкушояш буданд, ки ӯро ҳамеша ба арсаи ибтикору тозакориву навиву ибдоъ мехонданд. Бо ин содагӣ сухан гуфтану андешаҳои муаззаму мӯҳташамро оинадорӣ кардан кори сода набуд.

(Давомаш дар саҳ.4). ⇨

Дар арзҳои дӯстӣ

МУХТОР АШРАФӢ ВА МУСИҚИИ ТОҶИКӢ

Агар саҳифаҳои таърихи фарҳанги мардумони бародари тоҷику ӯзбекро варақ занем, мебинем, ки як зумра арбобони бузург барои рушди инкишофи маданияту санъати ду халқ баробар хидмат кардаанд. Устодони кино Комил Ёрматови конибодомӣ ва Муҳаммадҷон Қосимови риштонӣ, арбобони санъати мусиқӣ Зиёдулло Шаҳидии самарқандӣ, Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Аҳмад Бобоқулов ва Ато Муҳаммадҷонови бухоро ва ғайра аз ин зумра мебошанд. Ин рӯйихатро метавон давом дод. Олами эҷоди ҳар яке аз онҳо адабиёт, фарҳанг ва санъати ду кишвари ҳамсояву бародарро пурмазмуну рангин сохтаанд. Шукр, ки имрӯз ин кори савоброо фарзандони обрӯманди Бухорои шариф Мустафо Бафоеву Бақо Содиқов (яке дар соҳаи мусиқию дигаре дар соҳаи филмбардорӣ) идома медиҳанд.

Дар радифи ин шахсиятҳои барҷаста, номи оҳангсози маъруф Мухтор Ашрафиро ҳам месазад алоҳида зикр кард. Ӯ соли 1912 дар шаҳри Бухоро, дар хонаводаи Ашрафҷони Ҳофиз чашм ба дунё кушодааст. Устоди нахустин падараш буд, ки асрори мусиқии Шашмақомро аз кӯдакӣ барояш ошно намуд. Зиёда аз ин аз 12-солагӣ дар мактаби мусиқӣ ба омӯзиши ин ҳунар пардохт. Минбаъд таҳсилро дар донишкадаи навтаъсиси мусиқӣ ва хореографияи Самарқанд, Консерваторияи Маскав (солҳои 1934-1936) идома дод. Таронаҳои мардуми Бухороро ба нота даровард. Аммо ӯ дар таърихи санъати мусиқии Шарқ ҳамчун нахустин муаллифи операи миллии "Бӯрон" (бо ҳаммуаллифии С.Н.Василенко), достони вокалию симфонии "Се паҳлавон" дохил шудааст. Мухтор Ашрафӣ дар 25-солагӣ ба унвони Ҳунарпешаи шоиста, дар синни 27 – ба номи Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон, соли 1951 бошад, ба унвони Ҳунарпешаи халқии СССР мушарраф гардидааст. Мавсуф дар роҳи пайвастани унсурҳои мусиқии Шарқу Ғарб хидмати зиёд дорад.

Муваффақияти бузурги Мухтор Ашрафӣ дар оҳангсозӣ ин офаридани операи "Дилором" дар асоси достони "Сабъаи сайёр"-и Алишери Навоӣ аст. Нахустнамоиши он 5-уми феврали соли 1958 баргузор шудааст. Дар ин асари мусиқии жанраш аврупоӣ оҳангсоз аз унсурҳои ҷилобахши мусиқии миллӣ хеле васеъ истифода бурдааст. Бинобар ин имрӯз низ таронаҳои он дар консертҳои бонуфуз садо медиҳанд.

Мухтор Ашрафӣ ҳам оҳангсози бузург ва ҳам ташкилотчии моҳир буд. Вай солҳои зиёд раҳбари Театри калони опера ва балети ба номи Алишери Навоӣ буд. Ректори Консерваторияи давлатии Тошканд буд, ки пас аз вафоташ дар соли 1975 чанд сол номи ӯро дошт. Дар бораи боз як ҷиҳати барҷастаи ӯ оҳангсоз, Арбоби шоистаи санъати Ӯзбекистон Мустафо Бафоев, ки ҳангоми донишҷӯиаш Мухтор Ашрафӣ ректори консерватория буд, чунин мегӯяд: "Устод баробари оҳангсоз будан, дирижёри беҳамто низ буд. Вай ба операи "Кармен", ки дар Театри калони Маскав ба саҳна гузошта шуда буд, борҳо дирижёрӣ кардааст. Барои симфонияи "Қаҳрамонӣ" соли 1943 сазовори Ҷоизаи давлатии Иттифоқи Советӣ гардид. Ашрафӣ ба чандин филм мусиқӣ навишт. Сюта, романс, рапсодия, увертюра ва сурудҳояш нотакроранд. Аз ин хусус метавон соатҳо нақл кард ва силсилаи мақолаҳо навишт.

Мухтор Ашрафиро ҳамчун композитор аҳли санъат эътироф карда буд. Вай хусусан барои мустаҳкам кардани риштаҳои санъати мусиқии халқҳои Шарқ саҳми бузург гузоштааст. Асарҳояш дар саҳнаҳои бузурги чандин кишвари хориҷӣ танинандоз шудаанд. Вай барои балети "Тӯмори ишқ" барандаи Ҷоизаи ба номи Ҷавоҳирлаъл Нехруи Ҳиндустон, барои ба саҳна гузоштани балети "Матонат" дар театри операи Қоҳира шоистаи медали байналмилалии Ҷамол Абдулносир гардидааст. Ӯ соли 1954 бо ордени "Ситораи Гарибалди"-и Италия мукофотонида шудааст. Аз ҳамаи ин далелҳо низ аён мешавад, ки Мухтор Ашрафӣ симои бузурги олами мусиқии Шарқу Ғарб буда, дар инкишофи маданияти мардуми мо нақши беҳамто дорад ва мероси беназири мусиқӣ боқӣ гузоштааст.

Мухтор Ашрафиро аҳли ҳунар оҳангсоз ва дирижёри тоҷик ҳам мешуморанд, ки ин асос дорад ва боиси ифтихори мардуми тоҷик низ мебошад. Зеро Мухтор Ашрафӣ аз ҷавонӣ донандаи забон ва адабиёт, мусиқии тоҷикӣ буд. Аз ин рӯ вай, бешак, ба мусиқии мардуми мо таваҷҷӯҳи хоса дошт ва барои инкишофи санъати мусиқии тоҷик кӯшиши зиёд ба харҷ дода, аз сидқи дил хидмат кардааст. Дар "Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик" (Душанбе, 1988, ҷилди 1, саҳ. 206) омадааст: " Мухтор Ашрафӣ соли 1930 ба Душанбе омада, бо супориши радиои республика дар асоси оҳангҳои халқӣ 20 суруди тоҷикӣ офарид. Соли 1932 дар ҳайати ансамбли консертии Тоҷикистон ба Ленинград сафар кард. "Сютаи рақсии тоҷикӣ " аз ҷумлаи асарҳои беҳтаринаш буд".

Вай зимни ин сафарҳо бо адибони тоҷик М. Турсунзода, М. Аминзода, А. Лоҳутӣ, ҳофизони беҳамто Акашариф Ҷӯраев, Расул Қодирӣ ва амсоли инҳо унс гирифта, асарҳои назарраси худро эҷод кардааст.

Дар ҳамон манбаъ қайд шудааст, ки Мухтор Ашрафӣ "Ходими хидматнишондодаи Тоҷикистон (с.1970) ҳам буда, бо ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон мукофотонида шудааст. Албатта, ин ҳама тасодуф набуд ва ҳар кас ҳам ба ин мартабаву мақом ба осонӣ муяссар намешавад.

М.Ашрафӣ соли 1974 ба муносибати 50-солагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ораториясии "Достони Рустам"-ро офарид. Пас аз он ба Ҷоизаи байналмилалии ба номи Фирдавсӣ номзад ҳам шуд. Даҳҳо асарҳояш аз репертуари Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнии Душанбе ҷой гирифта буданд ва хушбахтона, имрӯз низ садо медиҳанд. Соли 1972 балети "Темурмалик" (номи дигараш – "Ишқ ва шамшер") дар ҳамин боргоҳи санъат ба саҳна гузошта шуд. Вай муаллифи мусиқии филми тоҷикии "Аз Ганг то Кремл" низ мебошад. Ғайр аз ин бар ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ ва дигар шоирони тоҷик сурудҳо, романсҳо навиштааст, ки аз хазинаи мероси бузурги мусиқӣ ҷой гирифтаанд. "Эй санами Шарқ" (бар шеъри А.Лоҳутӣ), "Ҷон мебарад", (бар шеъри Ансорӣ), "Дилам хоҳад баҳори зиндагиро" ва "Суруди арӯсӣ" (шеърҳои Турсунзода), "Саҳар булбул ҳикоят..." (Лоиқ Шералӣ) ва даҳҳо сурудро ном бурдан мумкин аст, ки далели вуқуфияти оҳангсоз М.Ашрафӣ аз адабиёти тоҷик аст.

Мухтор Ашрафӣ ва Садриддин Айнӣ, ки зодагони Бухоро буданд, алоқаи мустаҳками дӯстиву эҷодӣ ҳам доштанд. Аз ин рӯ, ба писари Устод Айнӣ – шарқшиноси номӣ Камол Айнӣ ба шавҳар баромадани духтари ягонаи ин оҳангсози бузург (Ашрафӣ ду фарзанд дошт, писараш Фирӯз (1937-2009), Меъмори шоистаи Ӯзбекистон, санъатшиноси машҳури тоҷик Муқаддама Ашрафӣ бесабаб нест. Муқаддама Ашрафӣ низ аз чеҳраҳои намоёни илми шарқшиносӣ ва мусиқӣ ба шумор меравад. Тадқиқоти вай оид ба санъати минётура (нигориш) ва мусиқӣ хеле арзишманд мебошанд. Ӯ аз падараш тарбияи мусиқӣ ҳам гирифта, ба ораториясии "Достони Рустам", балети "Ишқ ва шамшер" либретто навиштааст.

Оре, инсонҳои бузург риштаҳои дӯстии халқҳоро мустаҳкам менамоянд. Мутаассифона, мо солҳои охир дар бораи хидмати шахсиятҳое аз қабили Мухтор Ашрафӣ, ки баҳри нашъунамои санъат, маънавият, дӯстии халқҳо саҳм гирифтаанд, кам сухан мегӯем. Вақти он расидааст, ки дар атрофи ин мавзӯъҳо муфассалу мукаммалтар ҳарф занем. Зеро ҳоло муҳити дӯстию рафоқати мардумони мо, кишварҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон ба сатҳи нав баромадааст ва дар ин шоҳроҳи зиндагӣ аз дӯстӣ сухан гуфтан ва ба он амал кардан амали савоб аст.

Умедворем, ки соли дигар 110-солагии ин арбоби барҷастаи илму ҳунар, оҳангсози номӣ дар кишварҳои бародари Ӯзбекистону Тоҷикистон бо шукӯҳи хосса ҷашн гирифта мешавад.

Шоҳаҳҳори МУҲАББАТЗОД,
узви Иттифоқи эҷодии журналистони Ӯзбекистон.

Мухаммас бар ғазали Лоиқ

Хушо, ишқи Ватан ҷону диламро пурнаво кардаст,
Ватанхоҳест ҳар ҷо ин дилу ҷон ошно кардаст,
Ватанро ҷисму ҷонам бар дилу бар дида ҷо кардаст,
«Замини сахти кӯҳистон дили нармам ато кардаст,
Дуруштам ҳар кӣ мехонад, хато андар хато кардаст».

Зибаски аз кӯҳистонам, гули хушбӯй мебӯям,
Ба оби рӯди кӯҳистон ғубори рӯҳ мешӯям,
Мисоли ҳар гиёҳи кӯҳ ба дарди халқ доруям,
«Ба мисли кӯҳ якрӯям, ба сони чашма ҳаҷгӯям,
Чунин будам, чунин бошам, ки ин сонам Худо кардаст «.

Ба назди дӯст баҳри ман надоранд арзиш ашёҳо,
Бало пеш ояд, эй ҳамхун, туро ҷӯям зи болоҳо,
Ки чустуҷӯи ёронам маро афтонд аз поҳо,
«Ҷудо будам зи ҳамхунон, ки бепул буд дарёҳо,
Сари кӯҳу сари чашма дилам аз ғам наво кардаст».

Дилам пок асту андар қалби ман ҳаргиз набошад занг,
Зи ранги зарди ман гирад хазони тирамаҳ ҳам ранг,
Ҷаҳон пеши назар аз тангию хории дил шуд танг,
«Умеду орзуям сӯхт монанди ҳинои санг,
Дубайтиву рубоӣ нолаамро бефано кардаст».

Намебинам ба урфу одати ачдод молике,
Кие обе кунад лою занад муште ба торикӣ,
Агарчи худ бувад дар ин замин бегона соликӣ,
«Яке гуфтӣ ту эронӣ, дигар гуфтӣ ту тоҷикӣ,
Ҷудо аз асли худ мирад, касе моро ҷудо кардаст».

Барори мо кӣ мехоҳад, кӣ хоҳад авҷи кори мо?
Диҳанд ин қадр нокасҳо зи ҳар ҷониб фишори мо,
Гурезонем мо аз худ, нигар бар ин фирори мо,
«Ҷаҳон як рӯз метаркад зи оҳи пуршарори мо,
Ки бар тарки Ватан моро паёпай мубтало кардаст».

Расулбеки АҲМАДЗОД,
ноҳияи СӮХ.

МУЖДАИ НАВ

Маълум аст, ки сарвари давлат Шавкат Мирзиёев ҳанӯз 8-уми октябри соли 2019 Фармони «Дар бораи тасдиқ намудани консепсияи рушди низоми таълими олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030»-ро ба имзо расонида буд. Бо мақсади таъмин намудани иҷрои Фармони мазкур лоиҳаи қарори Девони Вазирон «Дар бораи дар Ҷиззах таъсис додани Донишгоҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ» таҳия гардид. Ин кор дар вилояти Ҷиззах бо ҳамкорони хориҷӣ (Русия) амалӣ хоҳад шуд.

ДОНИШГОҲИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ТАЪСИС ЁФТ

Ба наздикӣ дар Маркази инноватсионии ҷавонони шаҳри Ҷиззах брифинг баргузор гардид. Дар он муассисон, сарварони мактабҳои вилоят, кормандони идораву муассисаҳои гуногун ширкат варзиданд. Назар ба гуфти муовини ҳокими вилоят оид ба масъалаҳои сиёсати ҷавонон, маънавият ва маърифат Фурқат Ҷӯрақулов ҳамин ки лоиҳаи қарор тасдиқ шуд, ҳама ба кор мепардозем ва ба бисёр масъалаҳо рӯшанӣ хоҳем андохт. Барои бахши бакалавриат аз рӯйи самтҳои психология, иқтисод, менеҷмент, сайёҳӣ, меҳмонхонадорӣ, ҳисоб, таълими томактабӣ, таълими ибтидоӣ, корҳои варзишӣ-тарбиявӣ довталабон қабул карда мешаванд.

Ҳар сол даҳ фоизи шумораи умумии ба таҳсил қабулшудагонро фарзандони оилаҳои камбизоат ташкил хоҳад кард. Пули таҳсили онҳо аз ҳисоби буҷаи донишгоҳ пардохт мегардад.

– Ҳудуди Ҷиззах барои таъсис додани ин қабил муассисаи таълимӣ хеле қулай мебошад, – гуфт муассиси донишгоҳи нав Егор Воробёв, – мо бисту панҷ фоизи муаллимони дорои тоифаи олиро аз дигар донишгоҳҳои хориҷӣ ба кор ҷалб мекунем.

Таҳсил дар Донишгоҳи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷиззах аз соли хониши 2021-22 оғоз меёбад. Ба хатмкунандагони он дипломе, ки дар ҳар ду кишвар (Русия ва Ӯзбекистон) аҳамият дорад, тақдим карда мешавад.

Алҳол бинои собиқ Омӯзишгоҳи ҳарбӣ-ҳавонавардии Ҷиззах ба донишгоҳи мазкур пешбинӣ гардидааст. Аллакай хоҳишмандонро ба курсҳои тайёрӣ қабул менамоянд.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

Дар ноҳияи Андиҷон навбати вилоятии озмуназзаргузаронии ҷумҳуриявии «Тарғиботгари одоби духтарон» гузаронида шуд.

Маълум аст, ки аз аҳолии то 30-солаи ҷумҳурӣ маҷмӯан 18 миллиону 570 ҳазор нафар 9 миллиону 90 ҳазор нафарашон занону духтарон ба шумор мераванд. Мақсади асосии озмун дастгирӣ кардан, дар рӯҳи қоидаҳои одобу ахлоқ тарбия намудан ва бо кор таъмин сохтани ин табақаи аҳолӣ ба шумор меравад.

Дар озмуни мазкур аз ҳар кадом ноҳияи вилоят барои иштирок духтарону занони фаъол интихоб карда шуданд.

Бинобар натиҷаи озмун Ниҳола Неъматҷонова аз ноҳияи Олтинкӯл сазовори ҷойи аввал, намояндаи ноҳияи Ҷалақудуқ Нилуфар Хурхонова ҷойи дуюм ва Маҳлиё Абдумӯъминова аз ноҳияи Улуғнор шоистаи ҷойи сеюм шуданд.

Дар доираи озмун намоишгоҳи намунаҳои ҳунармандӣ ва либосҳои миллӣ баргузор гардид.

Суратгир: З.УМУРЗОҚОВ (ӮзА).

Ба муносибати 110-солагии Мирзо Турсунзода

МИРЗО ТУРСУНЗОДА ВА ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ

Мирзо Турсунзода арбоби бузурги ҷамъиятӣ ва суханвари маъруфи дар миқёси ҷаҳон эътирофшудае буд, ки дар кори ташкилоти якдилии кишварҳои Осиё ва Африқо саҳми муносиб гузошта, аз рӯзи таъсиси он то охири умри худ ба Кумитаи шӯравии ин ташкилот сарварӣ намудааст. Ин шахсияти камназир ва фавқулодда суботкор бо писандидатарин хислатҳои инсониаш дар дилу дидаи дӯстони суханвари ҳаммаромаш чун Файз Аҳмади Файз, Николай Тихонов, Расул Ғамзатов, Самад Вурғун, Мирзо Иброҳимов, Мустай Карим, Анатолий Сафронов, Ғафур Ғулом, Шароф Рашидов, Набӣ Хазрӣ ва дигарҳо ошёни меҳру вафо гузошта буд. Ӯ якҷоя бо онҳо баҳри мустаҳкам намудани ваҳдати халқҳо, дар роҳи ҳифзи сулҳу амнияти ҷаҳон ҷонсӯзона фаъолияти ибратбахш бурдааст. Яке аз дӯстони ҳаммаслаку ҳамқалами ӯ классики адабиёт ва фарҳанги ҷаҳон, адиби номии қирғиз Чингиз Айтматов буд.

Фаъолияти серқирраи ин адибони бузург ва арбобони ҷамъиятӣ – Мирзо Турсунзода ва Чингиз Айтматов ба нигоҳ доштани сулҳу осоиши минтақаи мо, шукуфоии минбаъдаи он, таҳкими дӯстӣ ва ҳамчиҳатии байни халқҳо барҳақ намунаи ибрат аст.

Ҷоизадори мукофотҳои давлатӣ Мирзо Турсунзода дӯсти ҷавони ҳамдил ва эҳтиёфаси худ Чингиз Айтматовро бо эҳтиром «аълоҳазрати наср» меномид. Ҷавобан Айтматов устод Турсунзодаро «устод» ва «муаллим» гӯёӣ эҳтиром менамуд ва хирадмандона мегуфт: «Нафаси замони нав бештар тавассути шеър эҳсос мешавад. Дасти шоир ҳамеша бар набзи замон аст. Шеър аз азал ғизои маънавии инсон буд ва ҳоҳад монд!».

Дар асарҳои Чингиз Айтматов «Сарвқади рӯймолсурхаки ман», «Чашми уштур», «Муаллими нахустин», «Роҳи Каҳкашон», «Кишти сафед», «Алвидоъ, Гулсарӣ», «Рӯ ба рӯ», «Саги алое, ки лаб-лаби баҳр метозад», «Дуроҳаи Бӯронӣ», «Қиёмат», «Вақте ки кӯҳҳо фурӯ мерафтанд ё арӯси абадӣ», «Тамғаи Кассандра» ва дигарҳо некӣ, муҳаббати пок, инсонпарварӣ, адолат, дӯстӣ дар пардаҳои баланд тараннум шуда, ба мустаҳкамшавии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ хидмат мекунанд.

Мирзо Турсунзода аз минбарҳои баланд Чингиз Айтматов ва қаҳрамондухтари қирғизро аз маломатҳо ҷасурона ҳимоя карда,- Ҷамилаи «дар муборизa соҳиби бахту саодатшударо», Ҷамилаи «дар тамоми ҷаҳон ва хусусан Шарқ намунаю ибрати ахлоқи навро» тарафдорӣ намуда, боисрор гуфта буд: «Ин асар ҷасурона навишта шудааст ва ман онро навоварӣ номида, дар айни замон дар вай давоми беҳтарин анъанаҳои адабиёти ҷаҳон ва пеш аз ҳама адабиёти классикии русро мебинам. Татяна Ларина, Анна Каренинаро ба ёд оваред, ки барои шаъну эътибори худ низ муборизa мебурданд... Ҷамила қаҳрамонзани даврони мо мебошад. Ҷамила зани озод аст, ки бо фикру иродаи худ амал мекунад». (2, 183)

Дар ҳақиқат, ин баҳои баланд он солҳо мисли гуфтаҳои Луи Арагон, ки «Ҷамила»-ро дар мавзӯи муҳаббат яке аз беҳтарин асарҳо дониста, ба забони франсавӣ тарҷума кардааст, вазну оҳанги сангаш вазнин буд!

Мирзо Турсунзода ҳанӯз дар миёнаи солҳои ҳафтодуми асри гузашта боз ба як хусусияти ҷолиби эҷодиёти Чингиз Айтматов эътибор дода навишта буд: «Айтматов ҳанӯз роман таълиф накардааст, тамоми асарҳои вай аз повест иборанд. Аммо мазмун ва санъати баланди онҳо бори дигар собит менамоянд, ки кӯтоҳбаёнӣ зодаи истеъдоди ҳақиқӣ мебошад. Шояд ман хато кунам, аммо ман чунин тасаввур дорам, ки имрӯз роман дар насри рус он мақомеро ишғол намекунад, ки дар вақташ романҳои Леонов, Федин, Фадеев, Шолохов доштанд». (1.81).

Минбаъд Чингиз Айтматов дар саҳни адабиёти садаи XX бо романҳои «Дуроҳаи Бӯронӣ», «Қиёмат» шуҳрат ёфт, кашфиётҳои бузурги адабӣ намуд. Яке аз онҳо падидаи тозаи ба ном «манқуртигарӣ» мебошад, ки ҳамчун кашфиётҳои нодири «шайтонигарӣ» (Достоевский) ва «обломовчигӣ» (Гончаров) дар олами эҷоди бадеӣ эътироф шудааст.

Аз хусуси эҷодиёти Чингиз Айтматов бисёр навиштааанд. Мегӯянд, ки ин навиштаҳо аз офаридаҳои бадеии ӯ зиёдтаранд. Бо вучуди ин бо суханони Мирзо Турсунзода гуфтани ин ҳақиқат ҷоиз аст: «Ӯ дар замини холӣ ба олам наомадааст. Бе таҷрибаи гузаштагон, бе суннатҳои миллӣ, ҳамчунин бе дастовардҳои дигар адабиётҳо ӯ ин дарача баланд баромада наметавонист, аз қаъри дили хонандагони сершумор маъво гирифта наметавонист».

Чингиз Айтматов дар ёдномаи рангину пандомӯзи худ, ки ба муносибати 70-солагии устод Турсунзода навиштааст, бо эҳтиром ва самимият гуфтааст: «Ман дар бораи Мирзо Турсунзода бо мамнунияти тамом ва дар айни замон бо дареғу афсӯси зиёд хотира мегӯям. Бо мамнуният мегӯям, чаро ки ба ёд овардани шахсе, ки барои кас хеле мавриди таваччӯҳ ва аҳамият будааст, ёдоварандаро завқу хурсандии калон мебахшад. Бо дареғу афсӯс – барои ин ки ман дар ин маврид ҳаргиз хоҳиши хотирагӯй шуданро надорам. Ӯ дар синну соле ба ин ҷаҳон видоъ гуфт, ки ҳанӯз вақти дар бораи марг фикр кардан набуд». (3,20).

Минбаъд адиби маъруфи қирғиз аввалин мулоқоти худро ба ёд меорад, ки он замон ҷавони наврас ва нависандаи навкоре буду дар бораи Мирзои шуҳратманд бисёр шунида буд. Ин мулоқот аввали солҳои шасти асри гузашта дар Тошканд, дар хонаи калон ва меҳмоннавози Ғафур Ғулом ороста шуда буд ва дар он нависандагони номдори замон иштирок доштанд. Адиб он суҳбати хеле олӣ ва дилкашро, ки маҳфили ҳамбастагӣ ва мусобиқаи хирадмандон буд, чунин ба ёд меорад: «Дар нишасти дӯстон, ҳамкор ва ҳамфикронаш худро хеле хуб ҳис кардани Мирзо Турсунзодаро медидам ва дар айни замон ба вай чӣ навъ эҳтиромӣ калон доштани ҳозиронро ҳис мекардам. Ба ман суҳбати оншаба хеле мароқовар буд. Мирзо Турсунзода ва Ғафур Ғулом дар донистани назми қадими форсӣ гӯё бо ҳамдигар мусобиқа доштанд. Онҳо мувофиқи ҳар маврид, дар сари ҳар як гап аз адабиёт мисол меёфтанд, ривояте, ҳикояте ё аз масале нақл мекарданд. Барои ман шабнишинии хеле аҷоибе буд, чунки дар ин нишаст ман бо ду нафар – бо Мирзо Турсунзода ва Ғафур Ғулом шинос шудам, ки бо дониш, бо истеъдоди худ шарорапошӣ мекарданд». (3, 21-22).

Воқеан ба Чингиз Айтматов бахти баланд муяссар гашта буд, ки солҳои зиёд бо Турсунзода паҳлӯ ба паҳлӯ истода ҳор кунад.

Ба шарофати кӯшиш ва ғамхории Мирзо Турсунзода Даҳрӯзаҳои адабиёти қирғиз дар Тоҷикистон хотирмонӣ пурмазмун мегузаштанд. Ӯ дар он рӯзҳо дӯсти хушсуҳбат ва улфатпазирашро бо меҳри бародарона пазиро мекард. Кӯшиш мекард, ки ӯ ҳар чӣ бештар чӣ хел кишвари зебо будани Тоҷикистонро ҳис кунад. Дар ин мавридҳо дар бораи ду Чингиз гап мезад, ки «яке тасхиркунандаи олам бо шамшер асту дигаре бо қалам». Ба меҳмонон муаррифӣ мекард, ки Айтматови ҷавон дар районҳои сарҳадии байни ду республикаи ҳамсоя ҳамчун зоотехник кор кардааасту дертар ба сифати мухбири рӯзномаи «Правда» борҳо ба шоҳроҳи Помир рафта, бо ҳаёти тоҷикон ва қирғизҳои ин маҳал ошно шудааст ва ин дар эҷодиёташ низ бетаъсир намондааст. Турсунзода ҳамин тавр бо муҳаббати зиёд, бо ғамхорӣ ва ифтихор ҳар ба ҳамдиёронаш шинос мекард. Айтматов ба туфайли Турсунзода дар мулоқоту суҳбатҳои ширин бо Мӯъмин Қаноати Фазлиддин Муҳаммадиев, Гулрухсор Сафиеваю Ӯрун Кӯҳзод, Муҳаммад Осимиву Акбар Турсунов барин адибону хирадмандон ошноӣ пайдо мекунаду якумра бо онҳо дӯсту бародар мегардад.

Мирзо Турсунзода ҳам борҳо дар меҳмонии Чингиз Айматов, дар доираи хонаводаи ӯ шудааст. Он рӯзҳо барои адиби қирғиз хеле хотирмон буданд, ки дар бораи ҷиҳатҳои соф инсонии меҳмони олиқадраш навиштааст: «Ӯ касонеро хеле дӯст медошт, ки онҳоро нозук ва олитабиат номидан мумкин аст. Вақти гап задан дар бораи яке аз мавзӯъҳои дӯстдоштааш – дар бораи занон хеле бо назокат буд. Дар ин мавзӯъ бо назокати тамом ва бо фасоҳати шоирона гап мезад ва ба тарзи мароқангезе фикр меронд. Ба назарам, ин ҷиҳати сазовори таҳдир мебошад.

Ман баъзан ҷасорат карда, бо Мирзо оид ба воқеае шӯҳиҳое мекардам. Инҳо шӯҳиҳои дӯстона буданд, ӯ ҳаргиз аз ин шӯҳиҳо озурда намешуд, балки бо як шӯхии хеле нозукона, хеле олӣ ва оқилонае ҷавоб мегардонд. Чунон ки ман медонам инҳо ҳама ҷиҳатҳои хеле олии табиати вай мебошанд». (3, 28).

Чингиз Айтматов бо эҳтирому дақиқназарӣ ба андешаҳои шоиронаи устод Турсунзода назар медӯхт, афкори адабӣ-танқидии ӯро меписандид. Айтматов дар ин хусус навиштааст: “Ӯ намунаҳои зиёдеро аз назми зебои классикӣ аз ёд медонист, мехонд, нақл мекард ва ҳар бор маро бо ин дониши худ мутаҳаййир ва мафтун менамуд, ба завқу ҳаяҷон меовард. Ӯ борҳо дар баромадҳояш, дар суҳбатҳояш бо ман гуфта буд, ки баъзе шоирони ҷавон дар бораи назми гузаштагон ё тасаввуроти мубҳам доранд, ё ин ки шаъшааи азамати онҳо пеши чашмонашонро гирифтаааст ва бинобар ин ба классикон соф шогирдона таҡлид мекунанд. Мирзо Турсунзода устоди бузург ва моҳире буд ва чӣ будани таҡлиди кӯр-кӯронаро, ба тарз ва ба услуби гузаштагон мутобиқ кунонидани назми ҳозираро нағз медонист”. (3, 28-29).

Чингиз Айтматов инчунин дар бораи назми Мирзо Турсунзода, алоқамандии он ба воситаи забони русӣ бо тамоми забонҳои дигар, тарҷумаи ашъори ӯ ба забони русӣ ва таъсири файзбахшаш ба адабиётҳои миллӣ андешаҳои судмандро ба миён гузоштааст.

Аз гуфтаҳо пайдост, ки муносибати байни Мирзо Турсунзода ва Чингиз Айтматов ҳамчун дӯсту бародар, ҳамҷиҳату ҳамкор дар асоси мақолаҳои ба якдигар бахшидаи онҳо, номаҳояшон, ёддоштҳои муосиронашон ва гувоҳиҳо нисбати онҳо метавонад мавзӯи тадқиқоти алоҳидаи пайвандҳои адабӣ шавад ва дар китоби дӯстии халқҳоямон саҳифаҳои ибратомӯз гардад.

Абдусалом САМАДОВ,
устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд.

(Аввалаш дар саҳ.3).

Мо муродиф омадани бузургиву содагиро дар сурудаҳои ӯ айни эҷоз мешуморем. Аммо ин ҳама ҳам кофӣ нест барои дилёбиву маҳбубӣ. Чунон ки ҷони ҷаҳон ишқ аст, ҷони сухан ҳам ишқ аст. Ишқу самимияти одамрабои устод Лоиқ, ки аз роиҳаи домони модару ҳар қатраи оби чашмаи Нийяту ҳар пораи санги кӯҳи Чилмеҳроб оғоз ёфта буд, онҷунон густарда шуд, ки тамоми Тоҷикистону Эрону Аврупову Африқову ҳама ҷо, ҳама ҷоро фаро гирифт. Ва ҳамин ишқ ӯро маҳбубияти ҷовидона дод. Ҳамин ишқи осмонмасоҳат ғазалҳои ӯро зинда кард, дубайтиву рубоиҳои ӯро ҷун бӯи мушк дар назду дур пароканд, тамоми ашъори ӯро тапиши сабзи зиндагӣ бахшид, дилу нигоҳи ӯро дурпаймову нурпаймо намуд:

Ишқ дар дил шӯлаи
субҳи саодат будааст,
Ошиқӣ эҳсоси
бахшишҳои қисмат
будааст.
Дар ҷавонӣ ишқ буду
давлати дунё набуд,
Ин ҳама бедавлатиҳо
хуб давлат будааст.

Устод Лоиқ, ки бешак, сарҷаридаи ғазали имрӯз аст, қариб ҳазор ғазалро мавзун намудааст. Теъдоди ғазалҳои марҳалаи аввал, ки то солҳои 80-ум сурудааст, бисёр нест ва мӯҳтавои онҳо нахустбардоштҳое аз зиндагӣ ва ангезаҳои ишқу ҷавониву парвозҳои зебоянд:

Боз ошиқ шаваму
зиндагӣ аз сар гирам,
Раҳи дерин бигузорам,
раҳи дигар гирам.
Боз як бори дигар
тозаҷавонӣ бикунам,
Баҳри ҷонон зи фалак
лолаи ахтар гирам.

Аз солҳои 80-ум то оғози ҷанги дохилӣ ғазалҳои устод Лоиқ аз офтоби фалсафаву ирфону ҳикмат шаъшаа ёфтаанд ва афкору пиндорҳои олии шоири воломанишро маҳмилкашӣ кардаанд:

Чу як пири хирад мирад,
бимирад ҷумла осорам,
Чу як ҳамсоли ман мирад,
гаронтар мешавад
борам.
Дарахте бишканад, гӯй
миёнам бишканад, эй дод,
Чу фикре барғалат бошад,
шавад афгор афкорам.

Ғазалҳои охирини ӯ, ки аз соли 1992 шурӯъ мешаванд, номаи дарду ормону сӯғӯву сӯзҳои нотамоми ӯст ба номи мову шумо – инсонҳои имрӯзу фардо, ба кабиру сағири ин кишвари захмдида, ба равшанинисорону зулматтаборон, ба созандагону барозандагон, ба бефарону фарҳехтагони Ватан, ба муршидони тамаддунофаре, ки ин миллати бузургро пайваста ба мақоми саломат мебаранд:

Раҳми Парвардагори
мо омад,
Нури Ҳаҡ бар диёри
мо омад.
Ҷанги девонавори
мо бигзашт,
Сулҳи деринтизори
мо омад.

Ибтикори устод Лоиқ на дар авзону буҳуру радифу қавофиву дигар аносири зоҳирӣ, балки дар навии нигоҳу пиндору афкор ва маъниву ҷавҳару мояву лояи ғазал аст. Чун ғазал аз ду лояи муҳим – забон ва андеша иморат мешавад, тозакории устод Лоиқ дар ҳамин заминаи бунёдӣ дурахшон аст. Ӯ маъмултарин баҳрҳои вазни арӯзро истифода мекунад ва дар инҳисори ғазал рӯшантарин ҳуруферо мегӯяд, ки ҳамеша медонистему ҳеҷ гоҳ намедонистем. Яъне ин ҳама ҳолот ба мо ошно буд, аммо, намедонистем, ки онро мешавад чунин зебо забон бахшиду мусаввар кард. Устод Лоиқ бо сабки хуросонӣ месароя бо шеваи Рӯдакиву Фирдавсиву Фаррухиву Анварӣ ва раҳораҳ тапишу ҷунуни Мавлонову ҳикмату шаҳомати Ҳофизро, ки гулбонги паҳлавию мақомоти маънавияшон садои дили инсони имрӯз ҳам ҳаст, дармеёбад. Ӯ ҳаргиз кӯшиши офаридани ғазалҳои «модерн» накардааст, зеро бо тамоми таҷрибаозмоиву тозаписандӣ эҳсос намудааст, ки ғазалҳои неоклассикиву навшамоил ба табиат ва бунияти хонандаи муосир зуд ошно нахоҳад шуд ва чун падидаи булъаҷаб ба сиришти ӯ бегонаву номаҳрам ҳоҳад монд. Ғазали устод Лоиқ рисолати бисёр васеъ дорад, ки ба завқҳои осмониву заминӣ, ба манзарҳои хоссу ом, ба дилҳои хурду бузург баробар хидмат мекунад. Ҳар толибе аз бори ин дарахт ширинком мешавад, зеро меваҳои шаккаровез дар фарози шохсор ҳам мунавваранду дар замин ҳам рехтаанд. Зуҳури чунин ашъору чунин шоирони бузургмасоҳат зарурати таъриху армуғони тақдир аст, ки рӯҳонияти кулли ҷомеаро сууд диҳанд, вагарна рисолати шоирони аршисуҳану хоспарвар маҳдуду масдуд аст.

Устод Лоиқ, ки бо ҷаҳоншиносӣ, инсоншиносиву забоншиносии мушаххаси худ қитъакушоеро мемонд, дар нашъату нузҳати забони адабии имрӯз низ парчамафроз аст. Ӯ аз истифодаи фаровони калимоти ғайриторикиву бегонаасл парҳезгорӣ менамуд ва бо эҳтиёт калимоти қадими торикиро зинда месохт мисли гӯрӣ, пижвок, ниҳеб, гулпиро, забола, кинатӯз, барзан, ҳолгардон, айдун, шеравжан, зарабон, сарбузург, сарвода, патёра, нак, ниҳолӣ, чакод, анбоз ва ғайра, ки зуд дар забонҳо менишастанду имрӯзин мешуданд. Устод бо эҳтирому эҳтиёти бештар вожаҳову таркибҳои шодоберо аз забони зиндаи халқ ба матну батни ғазал медаровард ҳамчун шириншамоил, аҷалгиёҳ, дӯлобӣ, сагманаҳ, чахмохсанг, одамқимоб, ҷойгаштак, пӯстғафс, пӯстак, сустаку мустак, лак-лак, хода, дидор дар қиёмат, наҳ задан, дӯғ задан... Ва дар баробари ин бо нерӯи халлоқӣ вожагони нав меофарид амсоли хоҷадавлат, худбудагӣ, чашмобдеҳ, зарлавҳ, бехурӯсӣ, батарҳол, нарговдӯш, золигарӣ, шӯрчашм, ошнорӯ, ҷаноза-фурӯш ва ғайра, ки хосси ҳар шоири соҳибсабку соҳибмактаб аст.

Пайдост, ки ҳар нухбаву нобиғае дар баробари сарбузургу пешгоми ҳунар будаанаш пешвову фардонамои кулли инсонҳост. Устод Лоиқ бо шахсият ва ҳайсияти боазамату шукӯҳмандаш миллати моро иззату шараф ва ному давом бахшид. Чунон ки баъди ҳазору чанд соли дургузашти Одамушшуаро Рӯдакӣ пасовандони аслбохтае ҷурми ӯро мешумаранду ӯро барои шоири дарбор буданаш накӯҳиш мекунанд ва ашъорашро ибтидоӣ талаққӣ менамоянд, чунон ки инкорҷӯёне Хайёмро майхораву Атторро беқайду хилофандеш, Низомиро ботилақоид мепиндоранд, мумкин аст, ки имрӯзиёну фардоиёни ғафлатпаноҳе ба бузургии устод Лоиқ ҳам хати бутлон задан хоҳанд, аммо он муддаиён дигар аз ин муҳосираи қавӣ раҳоӣ надоранд: Зеро кӯдакашон ҳам дар гаҳвора сурудаҳои Лоиқро тараннум мекунад, ровӣ ҳам дар симо чакомаҳои Лоиқро мехонад, дар родиои автобусу таксӣ ҳам таронаҳои устод фазоро фатҳ месозад, дар ҷашну суру зодрӯзашон ҳам соқиён шеъри устодро мегӯянд, дар кӯчаҳо ҳам қадам ба қадам шиору овезаҳое бо матни устод медурахшанд. Аслан инкори бузургон шеваи «бузургманишон»-и муҳаққаг аст, ки бетардид ба нокомӣ меанҷомад. Аммо устод Лоиқ бо нубуғи беғурубаш фориғ аз ин қилу қол дар чакодҳои сухан ошён ниҳодааст ва ҳамеша уруҷ мекунад ба фарозҳои зебои номусаххар, ба қуллаҳои мағрури хуршедкулоҳ, ба имрӯзҳои фурӯзонфару ояндаҳои шодигустар, ба баландии рӯҳи инсонҳо. Ва аз ҳамон минбари офтобӣ нидои поки ӯ имрӯзу ҳамеша табли бедорӣ хоҳад зад:

Ман он наям, ки бим зи
рӯзи аҷал кунам,
Ё шиква аз муаллифи
нақши азал кунам.
То сафҳаи замона зи
номам тиҳӣ шавад,
Як сафҳаи замонаро пур
аз ғазал кунам.

Фарзонаи ХУҶАНДӢ,
Шоири халқии Тоҷикистон.

НОМАИ ЭЪҶОЗ

ЁДКАРДИ САНЪАТКОРОНИ СУРУДУ РАҚСҲОИ МАРДУМИИ БУХОРО

Чоштгоҳи рӯзи якшанбеи гузашта тарабхонаи «Шаби Шабнам»- и шаҳри Бухоро файзи хоса дошт. Дар ин ҷо мутасаддиёни савту суруду маданияти вилоят, ҳофизону дастаҳои ҳунарӣ, шоиру журналистони расонаҳои ахбори оммавӣ, хешу табор, наздикони санъаткороне, ки имрӯз дар қайди ҳаёт нестанд, меҳмонону мизбонон, аъзои марказҳои миллию маданӣ ва алоқамандон ташриф оварданд.

Онҳоро созмондиҳандагони ин тадбир – садорати фарҳанги вилоят, шуъбаҳои вилоятии Филармонияи давлатии Ӯзбекистон, «Ӯзбекконсерт», Бунёди «Умрбоқӣ мерос», Ширкати телевизион ва радиошунавонии вилоят ва Маркази миллию мадании тоҷикон ва форсҳои вилоят – «Офтоби суғдиён» чанд рӯз муқаддам даъват карда буданд. Мақсад аз ин ҷамъомад ёдкарди устодони нотакрори савту сурудҳои халқии Бухоро, асосгузорони дастаҳои ҳунарии фолклории «Нозанин», «Моҳу ситора» Тӯҳфахон Пинхасова, Олияхон Ҳасанова, мавригихони шуҳратманд Маъдӣ Ибодов, инчунин эҳёи савту сурудҳои қадимии Бухоро ва дастраси умум гардондани онҳо мебошад.

Ба тадбир роҳбари шуъбаи вилоятии Бунёди «Умрбоқӣ мерос» Матлуба Бозорова ибтидо гузошт. Сипас ҳозирон, ҳамкорони собиқ, аз ҷумла Ҳунарпешаи шоистаи Ӯзбекистон Нишон Отамуродов, духтари Ҳунарпешаи шоистаи Ӯзбекистон Олия Ҳасанова, давомдиҳандаи ҳунари модар Шарифахон, роҳбари мактаби мусиқӣ Машраб Қодиров, шоир Асад Гулзодаи Бухорӣ, меҳмон – рӯзноманигори тоҷик Насибҷон Амонов ва бисёр дигарон дар бораи санъаткорони шодравон, дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек, сиёсати халқпарваронаи Ш. Мирзиёев хотираю мулоҳизаҳои худро баён карданд. Дастаҳои ҳунарии «Мавригӣ», «Ширу шакар», «Моҳу ситора», ҳофизони шинохта Юсуф Шукуров, Дилмурод Хӯҷаев ва дигарон бо рақсу сурудҳои дилнишин ба тадбир ҷозибаи нотакрор бахшиданд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки кормандони телевизиони вилоятӣ ҷараёни тадбирро пурра ба навор гирифтанд.Онҳо ният доранд, ки рӯзҳои наздик дар ҳамин асос барномаи дилкаши мусиқӣ таҳия кунанд.

Қисми дуюм дар ресторани меҳмонхонаи «Осиё»-и шаҳри кӯҳна дар атрофи дастархони пурфайз идома ёфт.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик», вилояти Бухоро.

Дар поликлиникаи оилавии рақами 46-уми ноҳияи Риштони вилояти Фарғона ба мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ, беҳтар намудани сифати хидмати тиббӣ эътибори зиёд дода мешавад.

Дар поликлиникаи оилавӣ шаҳрвандонро зина ба зина сӯзандорукунӣ бар алайҳи COVID-19 ба нақша гирифта шудааст. Ҷараёни мазкур бо риоя ба қоидаҳои санитариву гигиенӣ ва бехатарӣ амалӣ мешавад.

Дар сурат: *дар поликлиникаи оилавии рақами 46-уми ноҳияи Риштон.*

Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).

ДАР ЁДИ ПАДАР

Ман падари азизамро бисёр дӯст медоштам, солҳое, ки хурд будам, то ба хона омадани падар хобам намебурд. Ҳар кӯчое, ки падарам мерафтанд, бари ҷомаашонро дошта мерафтам. Модарам бо тамоми саъю кӯшиш маро аз падарам ҷудо карда наметавонистанд. Меҳри падарҷонам то ҳанӯз дар дилам ҷӯш мезанад. 1 сентябри соли 1990 ба мактаби деҳаи Зевари ноҳияи Сариосиё ба синфи 1-ум рафтам, ҳамон рӯз раҳбари синфамон Қурбоной Элмуродова ҳини дарс таъкид намуданд, ки дигар аз қафои падарат ягон ҷо намеравӣ. Ман ба гуфтаи устод амал кардан мехостам, вале ҳамоно меҳри падарам ҷӯш мезаду баъди адои дарсҳо ба хона омада, вазифаи хонагиро ичро мекардаму боз ҳамроҳи падарам ба алафдаравӣ, ҳезумкашӣ, барои кишту кор ба боғ мерафтем, падарам ниҳолпарвар буданд, пайванд мекарданд. Ман бо додарчаам аз қафои падарҷонам мегаштем. Соли 2000 деҳаи Зевар бо фармони Президентамон кӯчонида шуд ва мо ба ноҳияи Бандихон омадем, падарам, ки муаллими тарбияи ҷисмонӣ буданд, дар мактаби навбунёде, ки барои мо кӯчиён сохта шуда буд, кори худро идома доданд. Барои оилаи мо зиндагии нав оғоз ёфт. Падарам боғи калоне бунёд карданд ва мо – фарзандонашонро хуб тарбия намуда, ба воя расониданд, албатта заҳмати бисёр кашиданд. Аҳли оилаи мо то даме, ки падарам дар синни 58 аз олам чашм пӯшиданд, осуда умр ба сар мебурд. Замоне, ки додарам акнун дастёр шуда, ҳамаи корро аз дасти падарам гирифтан мехосту падарҷонамро ба Маккаю Мадина барои зиёрати Ҳаҷ равон карданӣ шуда ба Русия барои кор рафта буд, нохост аҷали бераҳм бармаҳал омаду падари биҳиштиямро аз мо рабуд, додари ҷигарбирёнам бо сад алам расида омад. То ҳол нолаҳои додарам аз гӯшам дур намешавад. Очаи бечораам мо – фарзандонашонро ҷамъ карда насиҳатҳо мекунанд, то ки номбардори падарҷонам бошем, монанди падари меҳмондӯстамон дили касеро наранҷонем, дар зиндагӣ ҳамеша ҳалол зиндагӣ кунем. То ҳол ёди падар мекунам, оҳ падарам, ҷон падарам:

Кӯҷоед, эй падарҷонам, кӯҷоед,
Биёед аз дигар пешам, биоед.
Набошад бе шумо дунё чароғон,
Падарҷонам, падарҷонам, падарҷон.
Чароғи хонадони мо, падарҷон,
Азизу меҳрубони мо, падарҷон.

Адолат КОМИЛОВА,
омӯзгори мактаби рақами 43-юми ноҳияи Сариосиё.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-525. Адади нашр 791, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.